آوازتاجیک

*Рӯзнома аз соли 1924 чоп мешавад*

Номҳои пешинаи рӯзнома «Овози тоҷики камбағал» (соли 1924), «Овози тоҷик» (соли 1924-1931), «Ҳақиқати Ӯзбекистон» (солҳои 1931-1940), «Ӯзбекистони сурх» (солҳои 1950-1964), «Ҳақиқати Ӯзбекистон» (солҳои 1964-1991)

*Банӣ одам аъзои якдигаранд!*

# Овози тоҷик

19 августи соли 2026
Чоршанбе
№ 66
(15285)

e-mail: ovozitoj@umail.uz, ovozi@list.ru

## ДАСТГИРИИ СОҲИБКОРӢ – КАФОЛАТИ НЕКАҲВОЛӢ ВА ТАРАҚҚИЁТИ МАМЛАКАТ

**Президент Шавкат Мирзиёев 17-18 август аз вилояти Хоразм боздид ба амал овард.**






18 август дар Конгресс-Ҳол дар шаҳри Хива роҳбари давлат бо соҳибкорон мулоқоти ошкоро анҷом дод,

Дар он соҳибкорон аз тамоми минтақаҳои мамлакат, аз он ҷумла қариб 25 ҳазор намояндагони тиҷорат аз студияҳо дар ноҳияҳо ширкат намуданд.

Президент бо муносибати Рӯзи соҳибкорон ҷамоати тиҷоратро табрик намуд, ки сафи онҳо 1,2 миллион нафарро ташкил менамояд ва дар мустаҳкам намудани потенсиали иқтисодии мамлакатамон саҳми муносиб мегузоранд.

Дар зарфи панҷ сол, аз замони барқарор намудани анъанаи гуфтугӯйи ошкоро бо соҳибкорон ҳазорҳо масъала ҳал гардид, ки ба рушди тиҷорат монеа мегардид. Барои ин 84 қонун ва ҳамчунин 861 фармон ва қарор қабул гардид.

– Чаро? Барои он ки барои соҳибкоронамон шароити муносиб фароҳам овардем, афзудани теъдоди ҷойҳои нави кор, то ки одамон аз хонаводаи худ дур нарафта даромади муносибро бевосита дар маҳаллаи худ ба даст оранд! – гуфт Президент.

Дар давраи гузашта ҳаҷми кредите, ки барои тиҷорат ҷудо гаштааст, қариб 3 баробар афзуда, ба 450 триллион сӯм расид. Сармояи корхонаҳо ба сармояи аслӣ 3 баробар афзуд.

Миқдори ноҳияҳое, ки ҳаҷми истеҳсоли саноатиашон бештар аз 100 миллион доллар мебошад, аз 66 то 116-то, миқдори ноҳияҳое, ки ҳаҷми хидматрасониашон аз 1 триллон сӯм бештар аст, аз 41 то 152-то расид. Сафи соҳибкороне, ки бренди миллии худро офаридаанд ва филиалҳояшонро дар тамоми мамлакат таъсис додаанд, зиёд мегарданд.

Президент таъкид кард, ки солҳои охир дар вилояти Хоразм низ барои рушди соҳибкорӣ имконоти нав фароҳам омадааст. Дар давраи кӯтоҳ ба минтақа 4 миллиард доллар сармояи хориҷӣ ҷалб гардида, 10 ҳазор иқтидорҳои нави истеҳсолӣ ба баҳрабардорӣ супурда шуданд. Ҳоло тиҷорати хурд 72 фоизи иқтисодиёти вилоятро ташкил намуда, саҳми он дар содирот ба 81 фоиз расид.

Сарфи назар аз вазъияти мураккаби ҷаҳон, дар нимсолаи аввали соли ҷорӣ иқтисодиёти Ӯзбекистон 8,5 фоиз афзуд. Агентиҳои байналхалқии рейтингӣ мақоми кредити мустақили мамлакатамонро боло бурданд.

Роҳбари давлат таъкид кард, ки ин муваффақиятҳо, пеш аз ҳама, натиҷаи ислоҳоте мебошад, ки дар ҳамкории зич бо соҳибкорон ба амал татбиқ мегардад.

**(Давомаш дар саҳ.3).**

*Сурати Хидмати матбуоти Президенти Ҷумҳурии Ӯзбекистон.*

## СУХАНРОНИИ ПРЕЗИДЕНТИ ҶУМҲУРИИ ӮЗБЕКИСТОН ШАВКАТ МИРЗИЁЕВ ДАР ВОХӮРӢ БО СОҲИБКОРОН, КИ ДАР ШАКЛИ МУЛОҚОТИ КУШОД БАРГУЗОР ГАРДИД

Ассалому алайкум, ҳамватанони азиз! Соҳибкорони мӯҳтарам, намояндагони тиҷорат, иштирокдорони мулоқот! Аз дидор бо Шумо дар сарзамини бостонии Хоразм, ки яке аз марказҳои илму дониш, ҳунар, тиҷорат ва соҳибкорӣ мебошад, бисёр хушҳолам.

Дар анҷумани имрӯза бори аввал аз студияҳои ноҳияҳо низ қариб 25 ҳазор соҳибкор иштирок доранд.

Аз фурсат истифода намуда, шумо, тамоми ҷомеаи тиҷоратии Ӯзбекистонро, ки аз 1 миллиону 200 ҳазор нафар иборат буда, дар таҳкими иқтидори иқтисодии кишварамон саҳми фаъолона мегузоранд, ба муносибати Рӯзи соҳибкорон табрик мегӯям.

Панҷ сол муқаддам роҳандозии анъанаи баргузории мулоқоти кушод бо шумо барои ҳалли ҳазорон масъалае, ки садди роҳи рушди тиҷорат буданд, замина фароҳам овард. Дар ин самт 84 қонун ва 861 фармону қарор қабул кардем. Чаро? Барои фароҳам овардани шароити муносиб ба соҳибкоронамон, зиёд кардани ҷойҳои нави корӣ, ба ҷойҳои дур нарафта, дар маҳаллаи худ соҳиби даромад кардани мардуми кишвар.

Дар муҳлати сипаришуда ҳаҷми умумии бастаи кредитҳо, ки барои соҳибкорӣ ҷудо гардиданд, қариб се баробар афзуда, ба 450 триллион сӯм расид, соҳибкоронамон аз 650 триллион сӯм имтиёзҳои андозӣ ва гумрукӣ истифода бурданд. Аксар намояндагони тиҷорат барои татбиқи лоиҳаҳои худ мустақилона аз бонкҳои хориҷӣ 1 миллиард доллар маблағ ҷалб карданд. Ин боз як марраи бузургест, ки шумо фатҳ намудаед.

Имрӯз соҳибкорони мо аз марҳилаи «оғози соҳибкорӣ» ба даври «афзун намудани сармоя» мегузаранд. Дар панҷ сол ҳаҷми сармоягузории корхонаҳоямон ба капитали асосӣ се баробар зиёд шуд.

Ҳангоми баргузории нахустин мулоқоти кушод теъдоди ноҳияҳое, ки ҳаҷми истеҳсоли саноат дар онҳо аз 100 миллион доллар зиёд буд, 66 ададро ташкил мекард. Ҳоло шумораи онҳоро ба 116 адад расонидем.

Бинобар рушди босуръати технологияҳои иттилоотӣ, финтех ва дигар бахшҳои хидматрасонӣ, шумораи ноҳияҳое, ки ҳаҷми хидматрасонӣ дар онҳо аз 1 триллион сӯм гузаштааст, ба 152 адад расид. Теъдоди корхонаҳое, ки бо платформаҳои пешрафтаи байналмилалии тиҷорати электронӣ ҳамкорӣ мекунанд, ба 3,5 ҳазор баробар шуд. Теъдоди соҳибкороне, ки фаъолияти тиҷоратии худро аз маҳалла оғоз намуда, имрӯз дар саросари кишвар даҳҳо филиал доранд, аз 550 нафар, теъдоди афроде, ки бренди миллии худро таъсис додаанд, аз 300 нафар афзуд.

Солҳои охир мо пешниҳоди ашёи хом, аз ҷумла мис, тилло, маҳсулоти прокати металлӣ, полиэтилен, ПВХ, каолин ва содаи каустикиро барои соҳибкоронамон бештар менамоем. Дар натиҷа, дар бахшҳои электротехника, истеҳсоли масолеҳи сохтмон, дорусозӣ, саноати нассоҷӣ, мебелсозӣ ва дигар соҳаҳо ба як «ҷаҳиши бузург» ноил гардидем.

Агар бигӯям, ки соҳаҳои автомобилҳои барқӣ, полимеру маводи кимиёвии маишӣ, энергетикаи «сабз» ва саноати заргариро “аз нест, ҳаст кардем”, шумо ҳам ба ин фикр ҳамроҳ мешавед. Бунёди корхонаҳои муосири автомобилсозӣ, аз ҷумла “BYD”, “ADM Jizzakh”, инчунин, “Asaka Motors” дар вилояти Сирдарё, ба ин соҳа салоҳият ва технологияҳои навро ворид намуд. Дар кластерҳои кимиёвии Қароқалпоқистон, Навоӣ, Чирчиқ, Ҷиззах ва Фарғона 40 иқтидори нави истеҳсолии дорои арзиши баланди иловашуда ба истифода дода шуд.

Дар ин маврид, ба ҳамкорони хориҷии худ, ки ислоҳоти моро дастгирӣ намуда, ба минтақаҳои кишвар сармояҳои бузург ворид мекунанд, низ сипосгузорӣ менамоям.

Дӯстони азиз!

Дар муддати кӯтоҳ ба вилояти Хоразм 4 миллиард доллар сармояи хориҷӣ ҷалб гардида, дар ин ҷо 10 ҳазор иқтидори нави истеҳсолӣ ба фаъолият шурӯъ кард. Минтақаи махсуси иқтисодии «Ҳазорасп» ва 31 минтақаи саноатӣ таъсис ёфт.

Бунёди неругоҳҳои барқӣ дар ноҳияҳои Тупроққалъа ва Янгиариқ бо иқтидори умумии 275 мегаватт барои бо неруи устувор таъмин намудани корхонаҳо хидмат мекунад.

Бояд таъкид кард, ки 72 фоизи иқтисодиёти вилоятро соҳибкории хурд таъмин менамояд. Аз рӯи саҳми тиҷорати хурд дар содирот Хоразм дар кишварамон ба ҷойи якум баромад. Умуман, дар ин сарзамин, ки аз занҷири логистикӣ дур аст ва захираҳои табииаш маҳдуданд, солҳои охир барои соҳибкории хурду миёна воқеан давраи рушди босуръат гардид.

Бо мақсади фароҳам овардани имкониятҳои нав дар минтақа: шумораи парвозҳои ҳафтаинаро аз 16 ба 102, ҳаракати роҳи оҳанро аз 8 ба 41 зиёд кардем; дар масири Тошканд – Хива ҳаракати қатораи баландсуръатро роҳандозӣ намудем; роҳи нави автомобилгарди муосири Урганҷ – Хива ба дарозии 35 километр низ ба истифода дода мешавад; дар майдони 25 гектар маҷмааи сайёҳии «Арда Хива» бунёд гардид. Соҳибкорон низ 331 меҳмонхона ва меҳмонхонаҳои оилавиро бо иқтидори умумии 7 ҳазор ҷой сохтанд. Ба шарофати ҳамин имкониятҳо, соли ҷорӣ ба Хоразм ташриф овардани 3 миллион сайёҳи хориҷӣ пешбинӣ шудааст.

Дар Хива боз як маҷмааи бузург – маҷмааи сайёҳии «Ситораи саҳро»-ро, ки меҳмонхонаҳо, марказҳои савдо ва иншооти фароғатиро дар бар мегирад, бунёд хоҳем кард.

Бо як сухан, алҳол Хоразм барои соҳибкорон ба маркази имкониятҳои нав табдил меёбад.

Иштирокдорони мӯҳтарами чорабинӣ!

Новобаста аз вазъияти мураккаб дар ҷаҳон, дар нимсолаи сипаришуда иқтисодиёти мо 8,5 фоиз афзоиш ёфт. Агентиҳои бонуфузи байналмилалии раддабандии “Fitch” ва “Moody's” рейтинги кредитии соҳибихтиёри кишвари моро як зина боло бурданд. Дар ҳисоботи Бонки ҷаҳонӣ дар бораи муҳити сармоягузорӣ ва соҳибкорӣ Ӯзбекистон дар радифи кишварҳои пешсаф ҷой гирифт.

Агар бигӯем, ки ин, пеш аз ҳама, самараи ислоҳоте мебошад, ки мо онҳоро ҳамдӯш бо шумо – соҳибкорони мӯҳтарамамон амалӣ менамоем, дуруст хоҳад буд.

Мо имсол бо назардошти манфиатҳои соҳибкорон, дар як қатор соҳаҳо, чун кооператсия, хариди давлатӣ, стандартҳо, амнияти маҳсулоти озуқаворӣ, шаҳрсозӣ дигаргуниҳои институтсионалӣ анҷом додем. Танҳо як натиҷаро мисол меорам: ба роҳ мондани низоми «Занҷири миллии саноатӣ» имкон дод, ки танҳо дар ҳамин сол корхонаҳои хусусӣ аз ширкатҳои бузурги давлатӣ ба маблағи 4 триллион сӯм фармоишҳои кооператсионӣ қабул намоянд.

Корхонаҳои стратегӣ дар доираи барномаи «Лоиҳаҳои оянда» барои маҳаллисозӣ рӯйхати зиёда аз 650 намуди маҳсулоти навро эълон карданд, ки ин барои соҳибкорон бозори иловагии 1 миллиарддоллариро фароҳам овард.

Мо тартиботи андозро дар ҳамоҳангӣ бо афзоиши соҳибкорон пайваста сода менамоем. Чанде пеш ҳадди гузариш ба пардохти андоз аз арзиши иловашударо аз 1 миллиард ба 5 миллиард сӯм зиёд намудем. Ин барои 600 ҳазор намояндаи тиҷорати хурд дастгирии калон гардид.

Аз ҳисоби андоз аз арзиши иловашуда ба қаҳвахонаву тарабхонаҳо 100 миллиард сӯм ҳамчун «кэшбек» баргардонида шуд. Дар натиҷаи барои маҳсулоти кишоварзӣ муқаррар гардидани меъёри «сифрӣ»-и андоз аз арзиши иловашуда 400 миллиард сӯм дар ихтиёри худи фермерон боқӣ монд.

Танҳо дар ҳамин сол: маҳдудияти воридоти 11 намуди масолеҳи сохтмон ба Қазоқистон бекор карда шуд; бо Туркманистон низоми савдои мутақобилаи бидуни боҷ нисбат ба молҳои истеҳсолшуда роҳандозӣ гардид; бо Урдун оид ба 150 намуд, бо Покистон оиди 88 намуд ва бо Эрону Афғонистон оид ба 34 намуди маҳсулот созишномаҳои савдои имтиёзнок ба имзо расиданд. Ҳоло бо Муғулистон, Амороти Муттаҳидаи Араб, Уммон, Малайзия, Сингапур, Индонезия, Миср ва Ҳиндустон низ ҷиҳати ба роҳ мондани чунин созишномаҳо кор мебарем.

Як қатор лоиҳаҳои бузургро, ки ба рушди иқтисодиёт такони ҷиддӣ мебахшанд, амалӣ менамоем: дар Ҷиззах – неругоҳи барқи атомӣ, дар Олмалиқ – фабрикаи чоруми ғанигардонии мис, дар масирҳои Тошканд–Самарқанд ва Тошканд–Андиҷон роҳҳои нави муосири автомобилгард, дар Хоразм – маҷмааи истеҳсоли сӯзишвории экологӣ барои ҳавопаймоҳо, дар Сурхондарё – гармхонаи муосир дар майдони 940 гектар ва дар ноҳияи Юқоричирчиқ — Фурудгоҳи Тошканди Нав сохта мешаванд.

Имсол 105 лоиҳаи нави саноатӣ ва инфрасохторӣ ба маблағи умумии 27 миллиард доллар оғоз мегарданд. Ғайр аз ин, дар тамоми минтақаҳо бунёди мавзеъҳои нави истиқоматӣ ҷамъ барои 3 миллион нафар аҳолӣ идома дорад.

Барои соҳибкороне, ки дар чунин лоиҳаҳои бузург бо маҳсулот ва хизматрасониҳои худ иштирок намуданро мехоҳанд, ҳамсони сармоягузорони хориҷӣ шароит фароҳам менамоем.

Чанде пеш барои соҳибкорони соҳаи нақлиёту логистика ҳангоми воридоти мошинҳои боркаш боҷи гумрукӣ ва ҷамъоварии утилизатсионӣ бекор карда шуд. Илова бар ин, барои пешниҳоди вагонҳо ба операторони маҳаллӣ ҷиҳати ҳамлу нақли байналмилалӣ меъёри андоз аз арзиши иловашударо ба «сифр» поин мебарем.

Инчунин, барои аз бандарҳои кишварҳои асосии ҳамкор истифода намудани соҳибкоронамон шароит фароҳам менамоем. Бахусус, соли оянда дар бандари Потии Гурҷистон маркази логистикии дорои иқтидори 500 ҳазор тонна ба истифода дода мешавад. Аз рӯи лоиҳаи бандари Анаклия низ бо шарикон корҳои амалиро оғоз бахшидем.

Дар ноҳияҳои Олот, Тирмиз, Янгийӯл, Оҳангарон ва шаҳри Хонобод марказҳои бузурги нақлиётиву логистикӣ таъсис медиҳем. Ин ба соҳибкорони мо бобати ба 25 фоиз зиёд кардани ҳаҷми борҳои транзитӣ ва ба 3,5 миллиард доллар расонидани содироти хидматрасониҳои логистикӣ замина фароҳам менамояд.

Соли оянда Маркази байналмилалии молиявии Тошканд ва Маркази байналмилалии технологияҳои рақамии «Enterprise Uzbekistan»-ро ба истифода медиҳем. Ин марказҳо барои воридшавии босуръат ба бозорҳои байналмилалӣ, ҷалби 20–25 миллиард доллар сармоя, инчунин дониш ва технологияҳои нав имконият фароҳам хоҳанд овард.

Соҳибкорони мӯҳтарам!

Акнун мехоҳам дар бораи ташаббусҳои нав, ки бар асоси масъалаҳои аз ҷониби соҳибкорон пешниҳодшуда таҳия гардидаанд, сухан ронам.

**Самти аввал аз таъмини «траекторияи рушди устувор» барои соҳибкорӣ иборат аст.**

Солҳои охир ҳиссаи соҳибкории хурд дар бастаи кредитии бонкҳо аз 45 то 63 фоиз афзуд. Мо бонкҳоро ба корбарии “мизоҷбайъ” омӯзонида истодаем. Танҳо дар нимсолаи аввал ба тиҷорати хурду миёна 76,5 триллион сӯм захира ҷудо гардид.

Муҳим он аст, ки гардиши соҳибкороне, ки аз чунин маблағҳо истифода кардаанд, дар ду сол ду баробар афзуд. Умуман, аз соҳибкории хурд ба тиҷорати миёна ва аз миёна ба сатҳи «чемпион»-и соҳа расидани соҳибкор арзиши аз ҳама муҳим мебошад.

Чанде пеш Портали ягонаи рақамии хидматрасониҳои кредитӣ ба фаъолият шурӯъ кард. Дар ин раванд соҳибкор танҳо як ариза пешниҳод мекунад ва бонкҳо барои ҷалби муштарӣ бо ҳам рақобат менамоянд. Онҳое, ки акнун фаъолияти тиҷоратии худро оғоз менамоянд, метавонанд тавассути ин платформа то 5 миллиард сӯм кредитро ба таври онлайн расмӣ кунанд.

Вазифаи навбатӣ фароҳам овардани заминаи устувор барои рушди босубот, тавсеаи фаъолияти соҳибкорӣ ва баромадан ба бозорҳои хориҷӣ мебошад. Дар ин самт фаъолияти 5 ҳазор корхонаро таҳлил намудем: 40 фоизи онҳо дар як соли охир барои рушд сармоягузорӣ накардаанд, 29 фоиз ҳатто дар нақшаи худ чунин иқдомро надоранд.

Аз ин рӯ, мо барои ҳар як марҳилаи рушди соҳибкорӣ экосистемаи ягонаеро меофарем, ки барои ҳар марҳила чораҳои мувофиқи дастгирӣ ва механизмҳои молиявиро пешниҳод менамояд. Аз ҷумла, ба онҳое, ки соҳибкориро нав шурӯъ мекунанд, дар асоси барномаи «Бизнес старт» бо ёрии зеҳни сунъӣ омода кардани лоиҳа ва ҳуҷҷатҳои кредитӣ, инчунин малакаҳои ибтидоии пешбурди ҳисобот омӯзонида мешавад. Барои омодасозӣ ба фаъолияти тиҷоратӣ 100 миллиард сӯм ҷудо мекунем. Ба онҳо мутобиқ ба шароити минтақа нақшаҳои тиҷоратии тайёр ва то 200 миллион сӯм кредити бидуни гарав пешниҳод карда мешавад.

**(Давомаш дар саҳ.2).**

# СУХАНРОНИИ ПРЕЗИДЕНТИ ҶУМҲУРИИ ЎЗБЕКИСТОН ШАВКАТ МИРЗИЁЕВ ДАР ВОХЎРӢ БО СОҲИБКОРОН, КИ ДАР ШАКЛИ МУЛОҚОТИ КУШОД БАРГУЗОР ГАРДИД

**(Аввалаш дар саҳ.1).**

Барои соҳибкороне, ки истеҳсолотро ба роҳ мондаанд, барномаи «Бизнес лифт» амалӣ мегардад. Дар доираи он аз рўйи дарёфти бозор ба соҳибкор, иштирок дар хариди давлатӣ ва роҳандозии кооператсия бо ширкатҳои бузург занҷири ягонаи дастгирӣ офарида мешавад.

Барои соҳибкороне, ки мехоҳанд ба марҳилаи нави рушд гузаранд, барномаи «Бизнес юксалиш» ҷорӣ мегардад. Дар доираи барнома механизмҳои сармоягузории алтернативии иловагӣ барои тавсеаи истеҳсолот ва ворид шудан ба бозорҳои хориҷӣ густариш дода мешаванд.

Масъалаи бузургтарин барои соҳибкорони хурд бо таъминоти гарав вобаста мебошад. Аз ин рў, низоми «контркафолат»-ро, ки баҳои воқеии фаъолияти тиҷоратии соҳибкорро баровардa, ба онҳо тақдими кредитро пешбинӣ менамояд, ҷорӣ менамоем.

Минбаъд ҳангоми гирифтани кредит то 10 миллиард сўм, 30 фоизи таъминоти гаравро давлат, 30 фоизро Ширкати кафолати тиҷорат ва 15 фоизи дигарро худи бонкҳо ба уҳда мегиранд. Яъне барои соҳибкор танҳо ёфтани гарав ба маблағи 25 фоизи кредит кофӣ хоҳад буд.

Чанде пеш тавассути «мушовири виртуалии андоз» портали зеҳни сунъӣ ба фаъолият шурўъ кард, ки барои кам кардани хароҷот ва пешгирии хатогиҳои соҳибкорон хидмат мекунад.

Аз соли оянда «ёварони зеҳни сунъӣ»-ро ба равандҳои сохтмон, муносибатҳои меҳнатӣ, савдои хориҷӣ ва хидматрасониҳои давлатӣ низ ҷорӣ хоҳем кард.

Бо як сухан, мақсад танҳо пешниҳоди кредит ба соҳибкор нест, балки офаридани як низоми маҷмўии дастгириест, ки соҳибкорро аз қадами аввал то ба соҳибкори бузург табдил ёфтан ҳамроҳӣ ва ҳамаҷониба дастгирӣ менамояд.

Дўстони азиз!

**Самти дуюми мо роҷеъ ба баланд бардоштани имкониятҳои тиҷоратии минтақаҳо хоҳад буд.**

Ҳамаи мо як ҳақиқатро хуб дарк мекунем: роҳи аз ҳама самарабахши рушди иқтисодиёт – истифодаи оқилона аз захираҳои мавҷуда мебошад.

Имрўз ҳазорҳо гектар қитъаҳои замини холӣ ва дороиҳои давлатие мавҷуданд, ки бесамар истифода мешаванд. Арзиши воқеии онҳо кай ошкор мешавад? Замоне, ки онҳо ба лоиҳа табдил ёфта, арзиши иқтисодӣ эҷод мекунанд, ҷойҳои корӣ ташкил намуда, ба рушди содирот хизмат менамоянд.

Аз ин рў, ҳангоми харидории дороиҳои давлатӣ: миқдори маблағи пешпардохт аз 30 ба 15 фоиз кам карда мешавад; ба соҳибкороне, ки тўли шаш моҳ пардохтҳоро пурра анҷом медиҳанд, 25 фоиз тахфиф тақдим мегардад; онҳое, ки нисфи маблағи умумиро пардохт кардаанд, метавонанд қисми боқимондаро дар давоми 7 сол, бидуни фоиз, қисм-қисм пардохт намоянд.

Нархи ибтидоии моликияти давлатӣ, ки дар се моҳ фурўхта нашудааст, марҳила ба марҳила то 10 фоиз кам карда мешавад.

Минбаъд муҳлати баргузории музояда аз 30 ба 15 рўз ва дар савдои такрорӣ аз 10 ба 5 рўз кўтоҳ карда мешавад.

Ошкор бояд гуфт, алҳол соҳибкороне, ки дар музояда замин мехаранд, барои ҷамъоварии ҳуҷҷатҳои зарурӣ ҷиҳати оғози сохтмон аз 6 моҳ то як сол вақт сарф мекунанд. Мо ҳокимонро омўзондем ва акнун онҳо чунин кор мебаранд, ки заминҳоро бо иҷозати сохтмон, супориши меъморӣ-банақшагирӣ ва лоиҳаи омода, яъне дар шакли «пакети тайёр», ба савдо мебароранд. Соҳибкоре, ки чунин заминро мехарад, метавонад фавран ба сохтмон оғоз намояд.

Боз як имтиёз – пардохти пешакии музди инфрасохтор аз 20 ба 5 фоиз кам карда мешавад.

Дар бонкҳо 2,5 ҳазор моликият ба маблағи 9 триллион сўм мавҷуд аст. Барои бо нархи тахфифӣ, бидуни пардохти ибтидоӣ, бе фоиз ва бо шарти қисм-қисм пардохтани маблағ иҷозат дода мешавад. Соҳибкороне, ки онҳоро мехаранд, барои ҳамин объект дар давоми як сол андози замин ва молу мулкро пардохт намекунанд.

Дар навбати аввал, мо рўйхати 50 намуди маҳсулотеро тартиб додем, ки маҳаллисозии истеҳсоли онҳо зарур аст. Барои истеҳсоли онҳо дар дохили кишвар муносибат ба минтақаҳои махсуси иқтисодиро низ тағйир медиҳем. Бо ин мақсад, дар як қисми ҳудуди минтақаҳои махсуси иқтисодии Навоӣ, Ҷиззах, Намангон, Ургут ва Ҳазорасп «Минтақаҳои саноатии бондӣ» ташкил мекунем. Соҳибкороне, ки дар ин ҷо ҷойгир мешаванд, ҳангоми ворид кардани ашёи хом ва қисмҳои таркибӣ ба анбори бондӣ аз ҳамаи пардохтҳои андоз ва гумрук озод карда мешаванд. Агар сатҳи маҳаллисозии маҳсулот аз 30-40 фоиз зиёд бошад, ҳангоми баровардани он ба бозори дохилӣ низ шартҳои имтиёзнок татбиқ мегарданд.

Идоракунии чунин минтақаҳои саноатӣ ба сохтори хизматрасоние табдил меёбад, ки ба соҳибкорон кўмак мерасонад. Марказҳои муосири R&D, лаборатория, хидматрасониҳои муҳандисӣ ва технологӣ дар асоси занҷири ягона амалӣ мешаванд. Барои ба соҳибкорон тақдим намудани биноҳои тайёр бо инфрасохтор 50 миллион доллар ҷудо мекунем.

Боз як навгонии муҳимро эълон кардан мехоҳам.

Аксар соҳибкорон мегўянд, ки аз сабаби 100 фоиз пешпардохт намудани маблағи барқ ва газ, дар маблағи гардишӣ мушкилӣ мекашанд.

Ба вазири нави энергетика Шерзод Ҳоҷаев супориш додам.

Минбаъд барои корхонаҳое, ки ба низомҳои АСКУЭ ва АСКУГ пайваст буда, интизоми пардохтро вайрон накардаанд, ба шарти ворид намудани маблағ дар давоми моҳ, ҳаҷми пешпардохт 15 фоиз мешавад. Ин ба шумо маъқул аст?

Умуман, низоми идоракуниро дар соҳаи энергетика куллан тағйир медиҳем. Дар ҳамаи ноҳияҳо низоми наве ташаккул меёбад, ки бар асоси эҳтиёҷоти имрўза ва нақшаиояндаи соҳибкорон фаъолият хоҳад кард.

Аз соли оянда дар соҳаи сохтмон бобати ҳавасмандсозии рушди пудратчиён ва лоиҳакашон тамоюлҳои навро ҷорӣ хоҳем кард. Минбаъд новобаста аз он ки сохтмон дар кадом минтақа сурат мегирад, барои ҳар як соати кори коргар ба андозаи 5 фоизи ҳадди ақали музди меҳнат маблағ пешбинӣ мегардад

Инчунин, дар сметаи объектҳои давлатӣ барои корхонаҳои пудратӣ 7 фоиз фоида пешбинӣ карда мешавад. Вобаста ба мураккабии сохтмон, барои корҳои лоиҳакашӣ аз 4 то 7 фоизи арзиши объект маблағ ҷудо мекунем.

Ҳамватанони муҳтарам!

**Дар самти сеюм – дар бораи офаридани экосистемаи «зеҳни сунъӣ – самарадории идоракунӣ – сармоягузориҳои нав» суҳбат мекунем.**

Имрўз кадом соҳибкор арзиши иловашударо зиёд кунад, бо ёрии зеҳни сунъӣ ҳосилнокиро баланд бардорад ва барои кам кардани арзиши аслӣ пайваста ҳаракат намояд, бозори оянда аз они ҳамон аст.

Мо фаъолияти соҳибкоронеро, ки бар асоси чунин равишҳо кор кардаанд, таҳлил кардем: дар 54 фоизи онҳо талабот ба маҳсулот якбора афзудааст; дар 25 фоиз арзиши аслӣ ба таври назаррас коҳиш ёфтааст; дар 40 фоиз даромад зиёд шуда, музди меҳнати кормандон беш аз 10 фоиз афзоиш ёфтааст. Аз ин рў, механизмҳои наверо ҷорӣ мекунем, ки ба баланд бардоштани ҳосилнокӣ дар корхонаҳо нигаронида шудаанд.

Чанде пеш дар Маркази ҳукумати рақамӣ фаъолияти аввалин кластери суперкомпютериро ба роҳ мондем. Соли оянда иқтидори кластерро 3 баробар зиёд мекунем. Ин барои соҳибкороне, ки мехоҳанд зеҳни сунъиро ҷорӣ кунанд, имкониятҳои бузург фароҳам меорад.

Акнун барномаи «Барои 10 ҳазор корхона – шарики зеҳни сунъӣ»-ро оғоз мекунем. Барои онҳо: 50 фоизи хароҷоти ҷорӣ намудани зеҳни сунъиро ҷуброн менамоем; барои таҳияи модели зеҳни сунъии маҳсулоти нав онҳо метавонанд аз имкониятҳои суперкомпютер ба таври ройгон истифода баранд.

Ғайр аз ин, хароҷоти корхонаҳо барои корҳои илмию таҳқиқотӣ ҷиҳати офаридани маҳсулоти нав ва ҷорӣ намудани технологияҳои пешрафта, аз ҳисоби буҷет ҷуброн карда мешаванд.

Ҳамзамон, барои он ки ҳамаи соҳибкорони кишвар ба барномаҳои омодаи зеҳни сунъӣ дастрасӣ дошта бошанд, онҳоро дар платформаи кушода ҷойгир менамоем.

Дар марҳилаи аввал барои маблағгузории барнома 100 миллион доллар ҷудо мекунем.

Мо аллакай нисфи хароҷотеро, ки барои ҷорӣ намудани низомҳои автоматиконидашудаи идоракунӣ дар саноати нассоҷӣ харҷ мешаванд, ҷуброн менамоем. Минбаъд ба корхонаҳои саноати электротехника, масолеҳи сохтмон ва маҳсулоти хўроквróӣ низ 50 фоизи чунин хароҷотро ҷуброн хоҳем кард.

Имсол 30 фоизи саҳми Фонди миллии сармоягузориро, ки дороиҳои 13 ширкати стратегиро дар ихтиёр дорад, бори аввал дар биржаҳои фондии Тошканд ва Лондон ба фурўш баровардем. Ин таҷрибаи мусбат, бешубҳа, барои корхонаҳои бузурги сектори хусусии мо низ роҳро ба бозорҳои байналмилалии сармоя боз кард.

Акнун барои ҳарчи зудтар ба бозори сармоя ворид гардидани корхонаҳои маҳаллӣ, бо бонкҳои бонуфузи сармоягузорӣ барномаи акселератсияро роҳандозӣ мекунем. Ҳар сол 50 корхонае, ки даромади солонаи онҳо беш аз 1 триллион сўм аст, интихоб карда мешаванд. Дар доираи барномаи акселератсия нисфи хароҷоти омода намудани ин корхонаҳо ба IPO ва мутобиқсозии ҳисоботи онҳо ба стандартҳои байналмилалӣ ҷуброн карда мешавад. Ин ба корхонаҳои хусусӣ барои ҳар сол аз хориҷ ҷалб кардани на камтар аз 1 миллиард доллар имконият медиҳад.

Соҳибкорони азиз!

Имрўз ба кадом минтақаи кишвар наравед, дар ҳамаи онҳо шумораи корхонаҳои нав ба наве, ки дар асоси технологияҳои муосир фаъолият мекунанд, зиёд шуда истодааст.

Ҳар сол лоиҳаҳои нави сармоягузории баландтехнологиро ба маблағи 50 миллиард доллар амалӣ менамоем. Аммо дар чанде аз ин лоиҳаҳо ҷузъи таълим ва омўзиш мавҷуд аст?

Як чизро бидонед: самарадории ҳар як лоиҳа на танҳо ба технология, балки ба кадрҳои ботаҷрибае низ вобаста мебошад, ки онҳоро истифода бурда метавонанд.

Барои он ки дар таълими касбӣ самара ба даст ояд, дар навбати аввал, дар ҷавонон бояд ба касб шавқу рағбатро пайдо кард.

Дирўз дар шаҳри Урганҷ бо фаъолияти техникуми маҳорати касбӣ ва Шаҳраки касбҳо шинос шудам. Дар ин ҷо бар асоси таҷрибаи Олмон ва Чин, хонандагони мактаб вобаста ба қобилияташон ба 10 намуди касбҳои серталаб, аз ҷумла энергетикаи «сабз», сохтмон, парасторӣ, агрономӣ, электротехника ва дигар касбҳо равона карда мешаванд.

Ин таҷрибаи навро, ки дар Хоразм оғоз шуд, дар тамоми минтақаҳои кишварамон роҳандозӣ мекунем. Ҳокимони ноҳияҳо дар байни як ҳафта ба Урганҷ омада, ин таҷрибаро бо чашми худ бубинанд.

Ширкати “ACWA Power”-и Арабистони Саудӣ дар 3 вилоят техникумҳоро бо таҷҳизот таъмин карда, ҳамасола ба садҳо ҷавонон касбҳои муосирро таълим медиҳад.

Акнун як савол: чаро сармоягузор аз хориҷа омада, барои худ низоми тайёр кардани кадрҳоро ба роҳ монду соҳибкорони худамон ин корро карда наметавонанд?

Ба соҳибкоре, ки «Худам техникум месозам ё техникуми давлатиро гирифта, кадрҳоро мутобиқи стандартҳои байналмилалӣ омода мекунам», мегўяд, хароҷоташро аз андозҳо чунин тахфиф менамоем, ки ба ў “бори вазнин” намешавад. Агар замин харида бошад, аз арзиши замин кам мекунем. Ин корро ҳар як ҳокими вилоят ва ноҳия бояд бо соҳибкорон ва корхонаҳои худ анҷом диҳад.

Дар як моҳ қарор қабул карда мешавад. Бо замимаи қарор рўйхати корхона ва сармоягузоронеро, ки ба ин кор саҳм мегузоранд, низ тасдиқ мекунем, имтиёзҳои дархосткардаи онҳоро пешкаш менамоем.

Ректорҳо низ навишта бигиранд: агар донишҷўёнро дар нимаи аввали рўз дар бинои донишгоҳ таълим диҳанд, пас аз нисфирўзӣ ҷавононро ба касб омўзонанд.

Агар корро чунин ташкил кунем, 1 миллион нафар ҷавонро бо касбҳои муосир фаро гирифта, онҳоро дар худамон бо ҷойҳои кории сердаромад таъмин мекунем.

Муҳтарам иштирокдорони анҷуман!

**Дар самти чорум – масъалаи баланд бардоштани иқтидори содиротӣ ва ба бозорҳои хориҷӣ баровардани брендҳои миллиро баррасӣ мекунем.**

Ҳоло дар бозорҳои хориҷӣ барои ҳар як доллари содирот рақобати шадид идома дорад. Ба наздикӣ фаъолияти содиркунандагонро омўхтем. Аз онҳо 40 фоиз гуфтаанд, ки дар пайдо кардани муштарии хориҷӣ мушкилӣ мекашанд; 36 фоиз наметавонанд маҳсулоти худро ба стандартҳо ва талаботи сертификатсияи кишварҳои хориҷӣ мутобиқ созанд; 37 фоиз воситаҳои молиявии муносиб барои содиротро нокифоя медонанд; 33 фоиз бошад, дар бораи бозор, маркетинг ва «бренд» малакаи кофӣ надоранд.

Аз ин рў, барои корхонаҳоямон сохтори «навигатори содирот»-ро роҳандозӣ мекунем, ки дар тамоми равандҳои ворид шудан ба бозорҳои хориҷӣ хидматрасонии комплексӣ пешниҳод менамояд.

Муовини Сарвазир Ҷ. Ҳоҷаев, вазири сармоягузорӣ, саноат ва савдо Л. Қудратов, вазири корҳои хориҷӣ Б. Саидов ва сафирон талаботи бозорҳои хориҷиро омўхта, рўйхати 100 маҳсулотеро таҳия мекунанд, ки метавонанд дар бозорҳои хориҷӣ мавқеи устувор пайдо кунанд. Барои ҳар як маҳсулот дар се самт, яъне рақобатчиён дар бозори хориҷӣ, низоми тарифӣ ва масъалаҳои логистикӣ пешниҳодҳои мушаххас таҳия мешаванд.

Дар асоси ин: Агентии кооператсияи саноатӣ (Б. Ҳайдаров) барои 2 ҳазор корхона барномаи мутобиқсозии истеҳсолотро ба бозори хориҷӣ ва сегменти харидорон таҳия мекунад; Агентии танзими техникӣ (А. Ҷумъаназаров) барои ин 100 намуди маҳсулот ба соҳибкорон вобаста ба ҳар як бозор стандарт ва сертификатҳои заруриро муайян ва омода мекунад; бонкҳо механизмҳои нави молиявии барои соҳибкорон муносибро ҷиҳати содирот роҳандозӣ менамоянд; Вазорати нақлиёт (И. Маҳкамов) роҳҳои аз ҳама оптималии логистикиро таҳия мекунад.

Дар самти ҳавасмандгардонии содирот, ҷалби брендҳои хориҷӣ ва рушди брендҳои миллӣ низ механизмҳои иловагиро ҷорӣ мекунем.

Дар ин самт ба соҳибкорон: нисфи хароҷоти ҷалби «брендмейкер»-и хориҷӣ пардохт мегардад; барои таблиғи брендҳои миллӣ дар бозорҳои хориҷӣ ва мутобиқсозии онҳо ба талаботи байналмилалӣ то 50 ҳазор доллар субсидия дода мешавад; нисфи хароҷоти марбут ба ҷойгиркунӣ ва фурўши маҳсулот тавассути маркетплейсҳо ҷуброн карда мешавад; 80 фоизи хароҷоти ширкатҳои консалтингие, ки барои иштирок дар тендерҳои байналмилалӣ роҳнамоӣ мекунанд, ҷуброн мегардад. Барои ҳамаи содиркунандагон шароити баробар фароҳам оварда, ҷиҳати дастгирии онҳо низоми ягонаро таъсис медиҳем. Барои ин 1 миллиард доллар равона мекунем.

Соҳибкорони муҳтарам!

Имрўз дар ҷаҳон мубориза барои бозор рўз то рўз шадидтар мешавад ва ҳатто давлатҳои бузург барои ҳифзи бозорҳои худ ҷиддан талош менамоянд.

Дар чунин вазъ соҳибкоре, ки ба хориҷ мебароЯд, набояд ҳеҷ гоҳ худро танҳо эҳсос кунад. Сафирон инро ба назар гиранд. Минбаъд дар куҷо имконият ва бозори нав бошад, сафир бояд аввалин шуда соҳибкоронро «аз дасташон гирифта», ба он ҷо мебарад. Бо як сухан, дипломатҳо ба «сафирони соҳибкорон» табдил ёфта, вақти асосии худро ба ин мебахшанд.

Ҳоло 60 фоизи содироти мо ба 20 давлат рост меояд. Муҳим он аст, ки соҳибкорони мо ба рақобат, талабот ва стандартҳои ин давлатҳо мутобиқ шудаанд. Оё дар ин бозорҳо барои 2–3 баробар зиёд кардани содирот имконият вуҷуд дорад? Ҳаст! Ин корро бо кӣ анҷом медиҳем? Албатта, якҷо бо соҳибкорони худ, ки пастиву баландиҳои ин бозорҳоро хуб медонанд.

Аз ин рў, ба соҳибкорони фаъоле, ки дар 20 кишвари бузурги бозори содиротии мо ва боз 5 кишвари дорои дурнамои баланд кор мебаранд, мақоми «сафири содирот»-ро медиҳем. Онҳоро худи соҳибкороне интихоб мекунанд, ки ба ин давлатҳо бештар содирот анҷом медиҳанд.

Сафирони содирот ба соҳибкорони мо дар масъалаҳои интихоби шабакаҳои савдо, гирифтани сертификат ва маркетинг кўмак мерасонанд. Хароҷоти равуо ва зиндагии онҳо дар давлате, ки фаъолият доранд, ҷуброн карда мешавад.

“Мораторий” ба ҷаримаҳо барои қарзҳои содиротие, ки муҳлаташон гузаштааст, дар охири сол ба анҷом мерасад. Вазъи нооромии ҷаҳонро мебинед. Дар чунин шароит соҳибкор баробари мубориза бо мушкилоти беруна, маҷбур аст, ҷарима пардохт кунад. Аз ин рў, бисёр фикр карда, ба як қарор омадам.

Агар содиркунандагон то охири сол барои пардохти қарз ба суратҳисоби бонкии худ маблағи асъорӣ ворид кунанд, ин маблағ ҳамчун даромади содиротӣ қабул карда мешавад. Бо ин роҳ мушкилоти беш аз 3 ҳазор содиркунанда, ки 380 ҳазор нафар корманд доранд, ҳаллу фасли худро меёбад.

Минбаъд ҳатто дар сурати ворид нашудани маблағи пардохти содироти молӣ маҳдудияти содиротро бекор мекунем.

Ҳангоми содирот тавассути инвойс талаботи пешакӣ таъмин намудани 50 фоизи маблағи даромад низ бекор карда мешавад. Муҳлати таъмини воридоти асъорӣ барои содироте, ки тавассути хонаҳои савдо ва дистрибюторҳо анҷом дода мешавад, аз 180 ба 365 рўз дароз карда мешавад.

Минбаъд нисбат ба шартномаҳое, ки аз рўйи онҳо суд ба манфиати содиркунанда қарор қабул кардааст, таъини ҷарима боздошта мешавад.

Соҳибкорони муҳтарам!

**Дар самти панҷум – дар бораи ба таври бояду шояд кам кардани фишори маъмурӣ ба соҳибкорӣ суҳбат мекунем.**

Мо пайваста бори андози тиҷоратиро кам карда истодаем. Дар даҳ соли гузашта иқтисодиёти пинҳонӣ аз 50 то 26 фоиз коҳиш ёфт. Аммо ин ҳанўз ҳам зиёд аст. Ҳамеша мегўям: аз «соя» баровардани иқтисодиёт на тавассути санҷиш, баръакс, бояд тавассути роҳнамоӣ кардани соҳибкор ва бозомўзии тарзи дурусти фаъолият сурат гирад.

Масалан, дар беш аз нисфи 5 ҳазор соҳибкори мавриди таҳлил дар давоми як сол 2-3 маротиба ва дар 21 фоизи онҳо 4 маротиба санҷиши андоз гузаронида шудааст. Ғайр аз ин, санҷишҳои такрорӣ, ки аз ҷониби идораҳои бехатарии сўхтор, сохтмон, санитария, карантин ва нозироти энергетикӣ гузаронида шудаанд, низ зиёданд.

Як чизро бояд дарк кард: дар ҷое, ки осудахотирӣ вуҷуд надорад, на озодӣ, на рушд ва на талош барои навоварӣ мешавад. Аз ин рў, барои ҳама гуна санҷиш дар фаъолияти соҳибкории хурд, ба истиснои ҳолатҳое, ки он ба саломатии инсон ё манфиатҳои дигари соҳибкорон зарар расонидан алоқаманд аст, ба муҳлати се сол моратория эълон мекунем.

Боз як навгонии муҳим: минбаъд агар соҳибкорони миёна ва калон корхонаи худро ихтиёрӣ аз аудити профилактикӣ гузаронанд, хулосаи он аз ҷониби мақомоти андоз эътироф мешавад. Муҳим он аст, ки соҳибкоре, ки камбудиҳои ошкоршударо бартараф кардааст, ба ҷавобгарӣ кашида намешавад ва барои ҳамин давра мақомоти андоз санҷиш намегузаронанд.

Роҳбарони мақомоти бехатарии сўхтор, сохтмон, санитария ва карантин низ ин тартибро дар низоми худ фавран ҷорӣ кунанд.

Ҳамзамон, ҳар гуна санҷиши такрорие, ки дар давоми сол гузаронида мешавад, танҳо бо иҷозати Омбудсмани тиҷоратӣ анҷом дода мешавад.

Алҳол барои рушди тиҷорат танҳо низоми ҷолиби андозбандӣ кофӣ нест. Ҳоло 51 идора ваколати татбиқи ҷаримаҳои молиявиро доранд. Азбаски як қисми ҷарима ба худи идора ворид мешавад, дар баъзе роҳбарон «агар санҷад – метарсад, тарсад – пардохт мекунад» барин нуқтаи назар вуҷуд надорад гуфта наметавонем.

Идораҳои назоратиро огоҳ мекунам: ҷарима на барои ҷамъоварии маблағ, балки бояд барои таъмини тартибу интизом ва пешгирии қонуншиканӣ дар соҳа хидмат кунад. Аз ин рў, миқдори ҳамаи намудҳои ҷаримаро ба ҳисоби миёна 2 баробар кам мекунем.

Ҳолатҳое низ рух медиҳанд, ки баъд аз таҳвили маҳсулот аз ҷониби соҳибкор, корхонаҳои давлатӣ пардохти маблағи шартномавиро ба таъхир меандозанд. Дар натиҷа соҳибкорон гаравпулиеро, ки барои иштирок дар савдо пардохт кардаанд, сари вақт гирифта наметавонанд.

Минбаъд низоми бозгашти автоматии гаравпулӣ барои молҳои қабулшуда ҷорӣ карда мешавад.

Аз соли оянда ҳангоми баррасии низоъҳои байни соҳибкор ва давлат тамоюли «Презумпсияи ҳақ будани соҳибкор»-ро ҷорӣ мекунем. Минбаъд то замоне, ки айбдории соҳибкор дар суд исбот нашавад, ў бегуноҳ ҳисобида мешавад ва нисбат ба ў ҷарима ё дигар чораҳои таъсиррасонӣ татбиқ намегардад.

Ҳамзамон, ҳангоми татбиқи ҷаримаҳои иқтисодӣ ва молиявӣ нисбат ба соҳибкорон қоидаи «Барои хатои аввал – огоҳӣ»-ро ҷорӣ мекунем. Агар соҳибкор бори аввал қоидаро вайрон карда бошад, вале ба ҳаёт ва саломатии шаҳрвандон ё молу мулки дигарон зарар нарасонида бошад, барои бартараф кардани камбудӣ ба ў 10 рўз муҳлат дода мешавад.

Дар ҳолатҳое, ки суд ба фоидаи соҳибкор қарор қабул кардааст, мақомоти давлатӣ бо вуҷуди набудани асосҳои кофӣ барои шикоят, аксар вақт парвандаро то марҳилаи охирини судӣ мебаранд.

Чаро? Чунки идораҳои давлатӣ ҳангоми ворид кардани ариза ба суд, аз пардохти боҷи давлатӣ озоданд. Минбаъд мақомоти назоратӣ баъд аз марҳилаи якум, барои мурожиат ба суд дар ҳар як марҳилаи минбаъда бояд ҳатман боҷи давлатиро пардохт кунанд.

Роҳандозии фаъолияти Шўрои экспертӣ оид ба низоъҳои андоз дар назди Палатаи савдо ва саноат, натиҷаҳои мусбати худро медиҳад. Акнун ба ин Шўро ваколати баррасии низоъҳо дар соҳаҳои гумрук, сохтмон, санитария, карантин ва ветеринарияро низ медиҳем.

Аз рўйи риоя нашудани муҳлат ҳангоми расонидани хидматҳои давлатӣ низ шикоятҳо зиёданд. Аз ин рў, 50 фоизи хидматрасониҳои давлатии марбут ба соҳибкорӣ ба тамоюли «сукут – аломати ризо» гузаронида мешавад. Яъне, агар ариза дар муҳлати муқарраршуда баррасӣ нашавад, ин мурожиат ба таври автоматӣ ба манфиати соҳибкор ҳалшуда ҳисобида мешавад.

Ғайр аз ин, ҳар як ҳолати рад шудани дархост барои гирифтани иҷозатнома аз ҷониби Ваколатдор (Омбудсмен)-и соҳибкорӣ омўхта мешавад. Ҷавобгариро барои радкунии беасос пурзўр менамоем.

Ба қарибӣ иҷозатнома ва рухсатнома барои зиёда аз 30 намуди фаъолиятро бекор мекунем, муҳлати тақдими боз 35 намуди онҳоро 2–3 баробар кўтоҳ менамоем ва 10 намуди дигарро ба тартиби хабардор кардан мегузаронем. Масалан, ба ҷойи 3 иҷозатнома – ветеринарӣ, санитарӣ ва фитосанитарӣ, ки барои содироти маҳсулоти хўроквórӣ талаб карда мешавад, «Сертификати ягонаи саломатӣ» тақдим мегардад. Минбаъд шаш моҳ пеш аз ҷорӣ намудани иҷозатнома ё рухсатномаи нави расмӣ он дар 3 минтақа аз таҷриба гузаронида мешавад.

Боз як масъала – дар намояндагони тиҷорат оид ба ҳуҷҷатҳои иҷро, бахусус вобаста ба гузоштани маҳдудият ба молу мулки соҳибкор, шикоятҳо зиёданд. Дар фурсати кўтоҳ оид ба иҷро вохўрии алоҳида гузаронида, ҳамаи масъалаҳоро ҳал хоҳем кард.

Ҳамватанони азиз!

Аз аввали сол ба кишвари мо 8 миллион сайёҳи хориҷӣ ташриф овард ва муҳлати будубоши онҳо дар Ўзбекистон то 8 рўз дароз шуд.

Аҳли Хоразм худ бигўянд: оё ислоҳоти мо дар соҳаи сайёҳӣ дар шароити зиндагӣ ва даромади аҳолии вилоят эҳсос мешавад?

Барои такони бештар бахшидан ба ин корҳо мехоҳам имкониятҳои навро баён кунам.

Барои сохтмон, таҷдид ва муҷаҳҳазсозии меҳмонхонаҳо 50 миллион доллар захира ҷудо мекунем. Дар ин замина ба соҳибкорон бо асъори миллӣ ба муҳлати 10 сол кредити 16 фоиза дода мешавад. Инчунин, муҳлати пешниҳоди субсидия барои сохтмони меҳмонхонаҳои се, чор ва панҷситорадорро боз ду соли дигар дароз мекунем.

Минбаъд талаб кардани хулосаи ширкатҳои хориҷиро барои гирифтани субсидия ҷиҳати тасдиқи тоифаи меҳмонхона бекор мекунем.

Имтиёзи бо меъёри 10 баробар камтар пардохт намудани андозҳои замин ва молу мулкро барои меҳмонхонаҳо то соли 2030 тамдид менамоем.

Дар меҳмонхонаҳое, ки шумораи ҷой беш аз 50 адад аст, банкоматҳои қабулкунандаи асъори нақдро худи бонкҳо насб мекунанд.

Хидматрасониеро, ки роҳбаладҳо ба сайёҳони хориҷӣ пешниҳод мекунанд, ба содирот баробар карда, онҳоро аз андози арзиши иловашуда озод мекунем.

Имтиёзи гумрукӣ барои ворид намудани автобусҳои сайёҳӣ, электробусҳо ва микроавтобусҳоро боз барои як соли дигар тамдид менамоем. Барои чунин нақлиёт боҷи утилизатсия низ ситонида намешавад.

Соҳибкорони муҳтарам!

Имрўз бо шумо дар бораи вазифаҳои афзалиятноке, ки барои ба марҳилаи нави рушд баровардани иқтисодиётамон дар пеш истодаанд, суҳбат кардем. Як чизро бидонед: мо халқи 40-миллионнафара ҳастем. Барои боз ҳам беҳтар намудани зиндагии мардумамон, бояд рушди баланди иқтисодиро дар сатҳе нигоҳ дорем, ки аз имрўза кам набошад. Имсол мо ҷиҳати аз 180 миллиард доллар зиёд кардани ҳаҷми маҷмўи маҳсулоти дохилӣ ва аз 40 миллиард доллар бештар намудани содирот пеши худ нақшаҳои бузург гузоштаем.

Бо ин мақсад, мо минбаъд низ аз фароҳам овардани тамоми шароити зарурӣ барои соҳибкоронамон ҷиҳати зиёд кардани ҷойҳои кории сердаромад, баланд бардоштани арзиши иловашуда ва ҳарчи фаъолтар ворид гардидан ба бозорҳои хориҷӣ бознамеистем.

Дар навбати худ, соҳибкорони мо низ бояд нуқтаҳои нави рушдро пайдо намуда, бояд ба сўи ғояву технологияҳои нав, маҳсулот ва бозорҳои нав ҳаракат кунанд.

Барои ин: агар соҳибкорони тошкандӣ, соҳибони корхонаҳо дар атрофи ташаббуси «мо танҳо барои бозори хориҷӣ, барои содирот кор мекунем» муттаҳид шуда, ба корҳои амалӣ шурўъ кунанд, медонед, ки чӣ гуна тағйироти бузург ба амал меояд!

Соҳибкорони Андиҷон, Фарғона ва Намангон агар дар соҳаҳои нассоҷӣ ва мошинсозӣ бо бозори дохилӣ ё содироти ашёи хом маҳдуд нашуда, истеҳсолоти дорои занҷири пурраро васеъ кунанд, чӣ қадар арзиши иловагӣ офарида мешавад. Бовар дорам, ки онҳо аз ўҳдаи ин кор мебароянд!

Дар Самарқанд, Бухоро ва Хоразм барои ба майдони имкониятҳои нав табдил додани сайёҳӣ ва индустрияи эҷодӣ, кашфи брендҳои байналмилалӣ дар соҳаи агросаноатӣ, иқтидори бузурги истифоданашуда мавҷуд аст. Инро бояд пурра истифода бурд!

Дар Навоӣ ва вилояти Тошканд корхонаҳои соҳаҳои кўҳкорӣ, металлургия ва химияи донишбунёд муттаҳид шаванд, олимон ва истеҳсолкунандагон даст ба даст дода кор кунанд! Он гоҳ ин минтақаҳо барои тамоми саноати мо ба пойгоҳи бузурги ашёи хом табдил меёбанд.

Агар Қашқадарё ва Сурхондарё дар соҳаҳои агросаноат ва кимиёи нафту саноат аз фурўши оддии ашёи хом даст кашида, дарозтарин ва сердаромадтарин занҷири истеҳсоли маҳсулоти тайёрро эҷод кунанд – дар иқтисодиёт чӣ гуна рушди бузург хоҳад шуд! Қароқалпоқистониҳо энергетикаи «сабз», IT ва зеҳни сунъиро ба драйвери иқтисодӣ табдил диҳанд, технологияҳои асри нав маҳз дар ҳамин ҷо бунёд мешаванд. Ба ҳаёти ҳазорон ҷавонон, фаъолияти соҳибкорони мо мазмуни нав ворид мегардад.

Дар Ҷиззах ва Сирдарё дар соҳаҳои автомобилсозӣ, электротехника ва истеҳсоли масолеҳи сохтмон низоми аз ҳама пуриқтидори кластериро таъсис медиҳем. Соҳибкорони мо бояд соҳиби арзиши аслии пасттарин ва технологияҳои пешрафта бошанд, то дар ҷаҳон рақобат карда тавонанд.

Ин – бартарии мо дар саноат хоҳад буд.

Дар чунин ҳол барои дар хориҷ кор кардани мардуми мо дигар зарурате намемонад, онҳо дар худи кишварамон соҳиби даромади баланд мешаванд, соҳибкорони Ўзбекистони Нав ба марҳилаи нави рушд мебароянд.

Боварии комил дорам, ки барои ин ҳам неру, ҳам имконият ва ҳам иқтидори мо мерасад.

Дўстони азиз, соҳибкорони муҳтарам! Имрўз бо шумо суҳбат карда, ба як чиз боварӣ ҳосил кардам.

Дар кишвари мо насли нави соҳибкороне ташаккул меёбад, ки ба таври муосир фикр мекунанд ва барои васеъ намудани тиҷорати худ ба навоварӣ талош доранд.

Ин бошад, барои оянда ва рушди кишвар қувва ва эътимоди бениҳоят бузург аст.

Ҳеҷ гоҳ аз талош барои пешрафт, рушд, инкишоф ва навоварӣ кардан бознаистед!

Дар пушти шумо ҳамеша давлати қавие қарор дорад, ки шуморо дастгирӣ мекунад, қонуне ҳаст, ки ҳуқуқ ва манфиатҳоятонро ҳимоя менамояд ва Президент ҳаст, ки дар амалӣ намудани ташаббус ва мақсадҳои шумо мутакко мебошад.

Шуморо бори дигар бо Рўзи соҳибкорон табрик гуфта, ба ҳамаи шумо саломатӣ, дар фаъолияти корӣ пешравӣ ва осудагии оилавиро таманно дорам. Ҳамеша саломат бошед!

# ДАСТГИРИИ СОҲИБКОРӢ – КАФОЛАТИ НЕКАҲВОЛӢ ВА ТАРАҚҚИЁТИ МАМЛАКАТ

(Аввалаш дар саҳ.1).

Зимни гуфтугӯ ташаббусҳои нав бинобар 5 самти бартаринок пеш гузошта шуд, ки дар асоси он масъалаҳое, ки соҳибкорон баён намуданд, ҷой гирифтанд.

Самти аввал – таъмини траекторияи босуботи рушди соҳибкорӣ.

Низоми нави таъмини молиявии тиҷорати хурд ва миёна ба вуҷуд оварда мешавад. Аз тариқи "Портали ягонаи рақамии хидмати кредит" соҳибкор бо як ариза метавонад аз бонк пешниҳод қабул намояд, соҳибкорони навкор то 5 миллиард сӯм аз тариқи онлайн кредит гирифта тавонад.

Экосистемаи ягонае ташкил мегардад, ки ба ҳар марҳилаи рушди тиҷорат мутобиқ хоҳад буд. Барои соҳибкорони навкор барномаи "Бизнес старт" ба кор андохта шуда, онҳое, ки истеҳсолро роҳандозӣ намуданд – "Бизнес лифт" ва барои соҳибкороне, ки ба марҳилаи инкишофи нав мегузаранд, барномаи "Бизнес юксалиш" ба кор хоҳад рафт.

Дар доираи барномаи "Бизнес старт" соҳибкоронро бо мадади зеҳни сунъӣ ба таҳия намудани ҳуҷҷатҳои лоиҳа ва кредит ва инчунин бурдани ҳисобот таълим медиҳад. Низоми пешниҳод намудани бизнес-нақшаи омода ва кредити бидуни гарав дар ҳаҷми то 200 миллион сӯм роҳандозӣ мегардад.

– Мо низоми маҷмуиеро ба вуҷуд меорем, ки нафақат ба соҳибкор кредит медиҳад, балки ӯро дар тамоми роҳаш – аз қадами аввал то ба бизнеси калон табдил ёфтанаш дастгирӣ менамояд, – таъкид кард роҳбари давлат.

Барои сабук намудани кори тиҷорати хурд, ки бо таъмини товон алоқаманд аст, низоми "зиддикафолат" ба амал татбиқ карда мешавад. Зимни дарёфтани кредит то 10 миллиард сӯм барои соҳибкор гузоштани товон дар ҳаҷми 25 фоиз аз миқдори кредит кифоя мекунад.

Самти дуюм – васеъ намудани имконот барои тиҷорат дар минтақаҳо.

Зимни ба даст овардани активи давлатӣ пардохти бунак аз 30 то 15 фоиз кам карда мешавад. Соҳибкоре, ки ними арзишро пардохтааст, метавонад миқдори боқимондаро дар зарфи ҳафт сол бидуни пардохти фоиз пардозад.

Қитъаҳои замине, ки ба савдои музояда гузошта мешаванд, дар шакли "пакети тайёр" бо тамоми ҳуҷҷатҳои барои сохтмон зарур ҷойгир карда мешаванд. Ба бонкҳо 2,5 ҳазор объектҳои ғайриманқулро ба арзиши умумии 9 триллион сӯм, ки дар ихтиёри онҳо мебошад, бо нархи имтиёзнок, бе аъзобадалии пешпардохт ва бепардохти муддатноки бефоиз фурӯхтан иҷозат дода мешавад.

Дар қисмҳои ҳудудҳои минтақаҳои махсуси иқтисодии "Навоӣ", "Ҷиззах", "Намангон", "Ургут" ва "Ҳазорасп" "Минтақаҳои индустриалии бонд" ба вуҷуд оварда мешавад. Дар онҳо ба занҷираи ягона ҷараёнҳои локализатсияи истеҳсолот, R&D, хидматҳои лабораторӣ ва муҳандисӣ муттаҳид карда мешаванд.

Инчунин талаб дар бораи пешпардохти садфоиза барои электроэнергия ва газ таҷдиди назар карда мешавад. Барои корхонаҳое, ки ба низомҳои АСКУЭ ва АСКУГ пайваст шудаанд ва тартиби пардохтро риоя мекунанд, ҳаҷми пардохти бунакиашон дар дараҷаи 15 фоиз муқаррар карда мешавад.

Самти сеюм – ба вуҷуд овардани экосистемаи "заҳни сунъӣ – босамарии идора – сармояҳои нав".

– Дар бозори оянда соҳибкоре афзалият ба даст меорад, ки имрӯз арзиши иловаро меафзояд, ҳосилнокиро бо мадади зеҳни сунъӣ баланд мебарад ва роҳи кам намудани арзиши аслиро меҷӯяд, – гуфт Президент.

Барномаи "Зеҳни сунъӣ – шарики даҳ ҳазор корхона" роҳандозӣ мегардад. Ба корхонаҳо 50 фоизи харҷро барои татбиқи зеҳни сунъӣ ҷуброн менамояд ва ҳамчунин имконият фароҳам меорад, ки аз суперкомпютер зимни таҳияи моделҳо барои маҳсулоти нав бепул истифода намояд.

Барои марҳалаи якуми барнома на камтар аз 100 миллион доллар ҷудо хоҳад гардид. Барои ба бозори сармоя баровардани корхонаҳои ватанӣ барномаи акселератсия роҳандозӣ мегардад, ки дар доираи он ҳар сол 50 корхонаи калонро барои баромадан ба IPO тайёр хоҳанд кард.

Дар лоиҳаҳои калони сармоягузорӣ вуҷуд доштани қарор оид ба масъалаҳои тарбияи кадрҳо хатмӣ мегардад. Таҷрибаи тайёрии касбӣ, ки дар Урганҷ татбиқ гаштааст, ба тамоми минтақаҳои мамлакат паҳн карда мешавад. Мақсад гузошта шудааст, ки 1 миллион нафар ҷавонон ба касбҳои замонавӣ омӯзонда мешаванд.

Самти чорум – афзоиши потенсиали содирот ва пеш бурдани брендҳои миллӣ ба бозорҳои хориҷӣ.

Низоми "Раҳнамои содирот" роҳандозӣ мегардад, ки дар ҳамаи марҳалаҳои баромадан ба бозорҳои хориҷӣ маҷмӯи хидматҳоро мерасонад. Иборат аз 100 навъи амвол, ки дар бозорҳои хориҷӣ харид дорад, тартиб дода шуда, доир ба ҳар яки он қарор бо назардошти бозор, тариф ва логистикаи дақиқ таҳия карда мешавад.

Ҷараёнҳои истеҳсолии 2000 корхона ба талаботи бозори хориҷӣ мутобиқ карда мешавад. Ба соҳибкорон қисми харҷ барои ҷалби бренд-мейкерҳои хориҷӣ, пеш бурдани брендҳои миллӣ дар бозорҳои хориҷӣ ва ҳамчунин иштирок дар маркетплейсҳо ва тендерҳои байналхалқӣ ҷуброн карда мешавад.

Ба низоми ягонаи дастгирии содиркунандагон на камтар аз 1 миллиард доллар равон карда мешавад.

– Ҳоло дар ҷаҳон рӯз то рӯз мубориза барои бозор пурзӯр мегардад. Дар чунин шароит набояд роҳ дод, ки соҳибкоре, ки ба бозори хориҷӣ баромадааст, бо машаққатҳои худ танҳо бимонад, – гуфт роҳбари давлат.

Дар бозорҳои асосӣ ва истиқболноки хориҷӣ фаъолияти "сафирони содирот" ташкил карда мешавад. Муддатҳои вориди захираи асъор аз амалиёти содиротӣ тамдид гардида, баъзе маҳдудият бекор карда мешавад.

Самти панҷум – зуд коҳиш додани фишори маъмурӣ ба тиҷорат.

– Аз "соя" баровардани иқтисодиёт на аз тариқи санҷишҳо ба амал бояд татбиқ карда шавад, балки аз тариқи машварат ва таълими соҳибкорон ба дуруст бурдани тиҷорат ба амал татбиқ гардад, – таъкид кард Президент.

Дар соҳаи тиҷорати хурд ба муҳлати се сол ба ҳар гуна санҷиш, ки бо зарар расондан ба саломатии одамон ва ё манфиати дигар соҳибкорон алоқа надорад, мораторияи эълон карда мешавад.

Нисбати аъзои тиҷорати миёна ва калон, ки аз аудити профилактикӣ ихтиёрӣ гузаштаанд, ҳангоми бартараф намудани хилофкориҳои ифшогардида ҷарима баста намешавад. Ҳаҷми ҳама гуна ҷаримаҳо ба ҳисоби миёна ду баробар кам карда мешавад.

Аз соли оянда зимни баррасии баҳсҳои байни соҳибкорон ва давлат принсипи "презумпсияи ҳаққи соҳибкор" ва "огоҳӣ барои хилофкории якум" ба амал татбиқ карда мешавад.

Ними хидматрасонии давлатӣ дар соҳаи соҳибкорӣ ба принсипи "сукут – аломати ризо" гузаронда мешавад. Бинобар ба беш аз 30 намуди фаъолият литсензия ва иҷозат бекор карда шуда, боз бинобар 35 намуди фаъолият муддати додани онҳо кӯтоҳ карда мешавад.

Ба ҷои чандин ҳуҷҷати иҷозат, ки барои содироти маҳсулоти хӯроквории зарур мебошад, "Сертификати саломатӣ"-и ягона ҷорӣ карда мешавад.

Зимни гуфтугӯ инчунин чорабиниҳои дастгирии соҳибкорон дар соҳаи сайёҳӣ муайян карда шуданд.

Барои сохтмон, таъмир ва муҷаҳҳаз намудани меҳмонхонаҳо 50 миллион доллар ҷудо карда мешавад. Муддати додани субсид барои меҳмонхонаҳои 3,4 ва 5 ситорадор боз барои ду сол, имтиёзот барои андози замин ва андози моликият то соли 2030 дароз карда мешавад.

Хидматҳое, ки туроператорҳо ба сайёҳони хориҷӣ мерасонанд, ба содирот баробар карда мешавад. Инчунин барои ворид намудани автобус ва электробусҳои сайёҳӣ имтиёзот тамдид карда мешавад.

Дар поёни гуфтугӯ мақсадҳои калидӣ оид ба дараҷаи нав бардоштани иқтисодиёт муайян карда шуданд.

– Мо – халқи 40 миллионнафара. Барои минбаъд баланд бардоштани дараҷаи ҳаёти мо бояд суръати баланди тараққиёти иқтисодиётро нигоҳ дорем, – гуфт роҳбари давлат.

Вазифа гузошта шуд, ки дар соли ҷорӣ инкишофи маҷмуи маҳсулоти дохилӣ то беш аз 180 миллиард доллар, ҳаҷми содирот то беш аз 40 миллиард доллар таъмин карда шавад.

Бо назардошти потенсиали ҳар як минтақа нуқтаҳои нави тараққиёт муайян карда шуданд. Дар Тошканд вазифа гузошта шуд, ки тиҷорати ба содирот равонакардашуда тараққӣ дода шавад, дар водии Фарғона – саноат бо занҷираи пурраи истеҳсолот, дар Самарқанд, Бухоро ва Хоразм – сайёҳӣ, индустрияи креатив ва брендҳои агросаноатӣ.

Дар вилоятҳои Навоӣ ва Тошканд нуқтаҳои асосии рушд саноати маъдани кӯҳ, металлургия ва кимиёи донишбунёд, дар вилоятҳои Қашқадарё ва Сурхондарё – маҷмӯи агросаноат ва нафту газу кимиё, дар Қароқалпоқистон – энергетикаи "сабз", технологияи иттилоотӣ ва зеҳни сунъӣ, дар вилоятҳои Ҷиззах ва Сирдарё – автомобилсозӣ, саноати электротехникӣ ва истеҳсоли масолеҳи сохтмон.

Зимни гуфтугӯйи кушод Президент пешниҳод ва ташаббусҳои соҳибкоронро шунид.

– Дар мамлакатамон насли нави соҳибкорон ташаккул меёбад, ки фикри замонавӣ доранд ва ба навгонӣ азм мекунанд, то ки тиҷорати худро вусъат бахшанд. Ин қувваи бузургест, ки барои фардо ва тараққиёти мамлакатамон боварии қатъиро илқо менамояд.

Ҳамеша танҳо ба пеш равед, то ки рушд намоед, сабзед ва фатҳи нав ба даст оред!

Дар паси шумо ҳамеша давлати пурқувват қарор дорад, ки омода аст шуморо дастгирӣ намояд ва қонуне ҳаст, ки ҳуқуқ ва манфиатҳои шуморо ҳимоя намояд ва Президет ҳаст, ки бо шумо дар татбиқи ташаббус ва мақсадҳоятон якҷо хоҳад буд! – гуфт роҳбари давлат дар поёни вохурӣ.

Бинобар фармони Президенти Ҷумҳурии Ӯзбекистон гурӯҳи соҳибкороне, ки ба рушди мамлакат ва баланд бардоштани зарфияти содиротии он, таъмини босуботи инкишофи иқтисодиёти миллӣ, ҷалби сармоя, истеҳсоли маҳсулоти ивазкунандаи содирот, афзудани номгӯйи хидматрасонии муосир ва ҳамчунин ба вуҷуд овардани ҷойҳои нави кор ва манбаъҳои даромад саҳми муносиб гузоштаанд, бо мукофотҳои давлатӣ тақдир гардиданд.

Ғайр аз ин соҳибкороне, ки дар кори таъмини рушди устувори иқтисодиёти миллӣ, минбаъд беҳсозии муҳити кор, ба вуҷуд овардани мактаби таҷриба ва анъанаи пешқадам дар соҳаи соҳибкорӣ, баланд бардоштани зарфияти истеҳсолӣ ва содиротӣ ва инчунин татбиқи технологияи инноватсионӣ намуна ва ибрат нишон додаанд, бо нишони сарисинагии "Фаъол тадбиркор" мукофотонида шуданд.

Дар ҳамин ҷо маросими супурдани ин мукофотҳо баргузор гардид.

Тавре ки роҳбари давлат таъкид кард, соҳибкорони мамлакатамон аз имконоти фароҳамомада босамар истифода намуда, бо ташаббус, дониш ва таҷрибаи худ дар соҳаҳои мухталифи иқтисодиёт натиҷаҳои назаррасро ноил мегарданд.

Онҳо лоиҳаҳои нави сармоягузориро ба амал татбиқ менамоянд, истеҳсоли маҳсулоти содиротбоб ва ивазкунандаи воридот зиёд мегардад, намудҳои хидматҳои замонавӣ инкишоф меёбад, ҷойҳои нави корӣ ва манбаъҳои даромади аҳолӣ ба вуҷуд оварда мешавад.

Махсус таъкид шуд, ки миқдори соҳибкороне, ки таҷрибаи пешқадам ва анъанаро дар соҳаи худ ташаккул медиҳанд, меафзоянд ва онҳо дар тиҷорат технологияҳои инноватсионӣ, навоварӣ ва ғояҳои креативиро бо ташаббусҳои худ ба амал татбиқ менамоянд.

Бинобар анъанаи нек, ки бо ташаббуси Президент ба вуҷуд омадааст, ҳар сол соҳибкорони пешқадам бо мукофотҳои олии давлатии мамлакатамон тақдир мегарданд. Имсол ҳангоми интихоби номзадҳо эътибори алоҳида ба соҳибкороне нигаронида шуд, ки дар афзудани истеҳсолот ва содирот, ҷалби сармоя, таъмини шуғл ва некуаҳволии аҳолӣ ва ҳамчунин дар ҳаёти ҷамъият фаъолона иштирок менамоянд, ба натиҷаҳои дақиқ ноил гаштаанд.

Дар маросим роҳбари давлат мукофотҳои давлатиро тантанавор ба соҳибонашон супурд.

Мукофотонидашудагон ба Президент барои дастгирии доимӣ ва баррасии олии меҳнати онҳо миннатдорӣ изҳор намуданд.

Дар чорабинӣ ходимони ташкилотҳои давлатӣ ва ҷамъиятӣ, соҳибкорон ва намояндагони ҷамъият ширкат намуданд.

Пас аз гуфтугӯйи ошкоро бо соҳибкорон дар Хива Президент Шавкат Мирзиёев бо роҳи нави автомобилии пулакии "Урганҷ – Хива" шинос гардид.

Дар мамлакатамон дар рушди зерсохтори замонавии роҳ, баланд бардоштани суръат ва бехатарии роҳи нақлиёт эътибори алоҳида нигаронда мешавад. Асосҳои ҳуқуқии ташкили роҳҳои пулакии автомобилӣ инчунин дар таҳрири нави Қонуни Ҷумҳурии Ӯзбекистон "Дар бораи роҳҳои автомобил", ки 5 августи соли ҷорӣ қабул гаштааст, ҷойгир карда шудааст. Ҳамзамон шарти асосӣ барои ронандагон вуҷуд доштани роҳи бепули алтернатив ба шумор меравад.

Роҳи нави автомобил, ки байни фурудгоҳи Урганҷ ва шаҳри Хива сохта шудааст, барои таъмини бехатарӣ, ҳаракати босуръат ва роҳати сокинон ва сайёҳон муқаррар гаштааст.

Дар доираи лоиҳа 35 километр роҳи автомобилгард, як нақби зеризаминӣ, 8 путепровод, 15 пул ва 106 иншооти обгузар сохта шудааст.

Агар бо роҳи мавҷуда сафар аз Урганҷ ба Хива 45-50 дақиқа давом кунад, бо шоҳроҳи нави чортасмагӣ вақти роҳ то 15-17 дақиқа кӯтоҳ мегардад.

Иқтидори гузаргоҳии роҳ дар шабонарӯзе беш аз 30 ҳазор воситаи нақлиётро ташкил менамояд. Дар шафати он ба вуҷуд овардани объектҳои хидмат ва сервис, ки ба стандартҳои байналхалқӣ ҷавобгӯ мебошад, пешбинӣ гаштааст.

Идора намудани ҳаракати нақлиёт ва низоми пардохт бо мадади усулҳои рақамӣ дар асоси зеҳни сунъӣ ба амал татбиқ мегардад. Барои автомобилҳои сабукрав ва боркаш ва ҳамчунин автобусҳо, имконоти ба таври автоматӣ рӯёндани пардохт ба усули электронӣ бидуни нигоҳ дошдани воситаи нақлиёт пешбинӣ мегардад.

Дар қабати болоии қишри роҳ омехтаи махсуси битуми модификатсияшуда, ки ба иқлими гарм тобовар аст, истифода гаштааст. Ғафсии умумии қабати роҳ 87 сантиметрро ташкил менамояд. Шоҳроҳи нав ба минбаъд тезондан ва баланд бардоштани қулаии алоқа байни Урганҷ ва Хива ва ҳамчунин ба дараҷаи нав бардоштани зерсохтори нақлиётии минтақа мусоидат менамояд.

Бо ҳамин ташрифи Президент Шавкат Мирзиёев ба вилояти Хоразм ба поён расид.

**Зиёдулло ҶОНИБЕКОВ,**
**Икром АВВАЛБОЕВ,**
**Абдулазиз РУСТАМОВ,**
**Аҳмадҷон ШОКИРОВ,**
мухбирони махсуси ЎзА.

# ПЛАТФОРМАИ "МАҲАЛЛАИ РАҚАМӢ" ПАЙВАНДГАРИ ХАЛҚ ВА ҲУКУМАТ АСТ

**Платформаи "Маҳаллаи рақамӣ" яке аз талаботи замони навин буда, фаъолияти ниҳодҳои маъмурӣ, идораҳои интизомию қудратии кишварро бо ҳаёти шаҳрвандон ҳамоҳанг месозад. Чунин усули кор бо ташаббуси раҳбари давлат ба вуҷуд омада, як намунаи барҷастаи ислоҳоти иқтисодиву иҷтимоӣ аст, ки солҳои охир дар кулли соҳаҳо бо суръати баланд ҷараён дорад ва хушбахтона, натиҷаҳои дилхоҳе ҳам медиҳанд. Хусусан, сохторҳои давлатӣ мувazзаф ҳастанд, ки ба аҳолии кишварамон хидмати босифат ва шаффофе расонанд ва ин усули кор аз ҷумлаи стратегияи Ӯзбекистони Нав дар давраи навин ба шумор меравад.**

Хостаҳои башардӯстони раҳбари давлатамон, ки ба фаровонии ҳаёти халқ, ҳарчи бештар огоҳ будан аз дарди дили ӯ тамаркуз гирифтаанд, дар як қатор қарору фармонҳои ӯ возеҳ ифода ёфтаанд. Фармони Президенти Ӯзбекистон "Дар бораи "Ӯзбекистони рақамӣ – 2030" ва тасдиқи стратегияи дар робита ба афзудани самараи чорабиниҳои он", ки 5-уми октябри соли 2020 ба имзо расида буд, асоси ба вуҷуд омадани платформаи "Маҳаллаи рақамӣ" шуморида мешавад. Дигар қарору фармонҳои раҳбари давлат, ки ба рушди низоми маҳаллаҳо нигаронида шудаанд, аз ҷумла, фармон "Дар бораи чораҳои иловагии ташкил намудани идораи кори маҳаллаҳо" содир шудааст, ба сифати кор дар ин соҳа мусоидат кардааст. Бояд таъкид кард, ки ҳукумати ҷумҳурӣ ҳамеша ба кори маҳалла ва ходимони онҳо, аз ҷумла ба фаъолияти "Ҳафтгонаи маҳалла" эътибори алоҳида медиҳад ва амали ин ниҳоди барои халқу давлат муҳимро яке аз омилҳои субот ва пешрафтҳои ҳаёти мардум меҳисобад.

Гуфта мешавад, ки Ҷамоаи шаҳрвандони маҳаллаҳо яке аз ниҳодҳои давлатиест, ки ба бошандагони кишвар хеле наздику дастрас аст ва ба як ҳисоб, чашму гӯши ҳукумат дар ҷойҳо маҳсуб ёфта, назар ба дигар идораҳо бештар бо ташвиши мардум сари кор мегиранд. Ин аст, ки ҳамоҳанг сохтани кори маҳалла бо дигар ниҳодҳои давлатӣ зарурати воқеӣ ва саривақтӣ маҳсуб ёфта, бешак ба хостаҳои ҳукумат ва замони муосир мувофиқат мекунад. Платформаи "Маҳаллаи рақамӣ" дар роҳи бенуқсон ва дар як маром фаъолият кардани кулли сохтори давлатӣ василаи хубе ба шумор меравад. Назорати доимии кори "Ҳафтгонаи маҳалла" ва бурду бохти онҳо дар сатҳи идораҳои бонуфуз ва дар як вақт огоҳӣ ёфтан аз мушкилоти рӯзгори мардум имкон медиҳад, ки муаммоҳо зуд бартараф гарданд ва шаҳрвандон низ ҳис кунанд, ки пушти сари худ ғамхору такягоҳе доранд.

Қарори Президент аз 21-уми декабри соли 2023 ва Фармони ӯ аз 5-уми феврали соли 2024 сохтори маҳаллаҳоро ба зинаи комилан нав раҳнамун кард. Тибқи ин қарору фармон сохтори хабарии "Ҳафтгонаи маҳалла", ки аз ин пеш ба ҳоли худ вогузошта шуда буданд, бо платформаи "Маҳаллаи рақамӣ" пайванд карда шуданд. Ин кор омили таъсири инсонро ба ҳалли мушкилоти мавҷуда комилан аз байн бурд, шаффофиятро барқарор сохт, имкони дар зудтарин фурсат қарор қабул карданро фароҳам овард ва ба сифати кор афзуд.

Бояд гуфт, ки платформаи "Маҳаллаи рақамӣ" маҳсули заковати мутахассисони баландпояи Ҷамъияти масъулияташ маҳдуди "Unicon-Soft» аст, ки дар ҳамкорӣ бо кормандони Ҷамоаи маҳаллаҳои Ӯзбекистон тарҳрезӣ шудааст ва ҳоло дар тамоми мавзеъҳои кишварамон яксон амал карда, ба манфиати мардум хидмат менамояд.

Назар ба гуфтаи раиси Саридораи ҷамоаи маҳаллаҳои вилояти Қашқадарё Олим Равшанов, платформаи "Маҳаллаи рақамӣ" дар саросари ин минтақа низ фаъол аст ва 776 маҳаллаи узви он бо шумули 4427 нафар "Ҳафтгонаи маҳалла" комилан бархурдоранд.

– Раҳбари давлатамон муҳтарам Шавкат Мирзиёев ҳама амали худро аз рӯи мизони "Барои қадри инсон, барои бахти инсон" роҳандозӣ карда ва платформаи "Маҳаллаи рақамӣ" ҳам зодаи ҳамин тафаккури баланд буда, маҳз ба некӯаҳволии мардум нигаронида шудааст. Дар он кишваре, ки ба дарди дили халқ гӯш медиҳанд ва муаммоҳои ҳаёти онҳо дар зудтарин фурсат ба дасти идораҳои дахлдор расида, ба таври бояду шояд ҳал мешаванд, албатта, қадри инсон баланд мегардад. Шаҳрвандон ҳам ба фардои дурахшони Ватани худ эътимод карда, барои пойдориву шукуфоии он аз таҳти дил хидмат менамоянд, – гуфт вай.

О. Равшанов таъкид кард, ки платформаи "Маҳаллаи рақамӣ" дурдасттарин маҳаллаҳои вилояти Қашқадарёро низ фаро гирифтааст ва ин як кори сутуданӣ буда, ҳам мушкилоти халқро осон ва ҳам вақти раҳбаронро дар робита ба омӯзиш, қабули қарор ва назорати иҷрои супоришҳои раҳбари давлатамон сарфа менамояд.

Назар ба маълумоти Саридораи ҷамоаи маҳаллаҳои вилояти Қашқадарё то ҳол дар маҷмуъ 179 муроҷиат дар бахши "муроҷиати иҷтимоӣ", 1393 муроҷиат дар бахши "Муроҷиат ба ҳафтгона" ва 185 муроҷиат дар бахши "Муроҷиат ба адлия" сабт гардида, ин дархосту муроҷиатҳои шаҳрвандон омӯхта шудаанд ва барои дидани чораҳои зарурӣ ба идораҳои дахлдор равона гардидаанд.

"Модули ҳафтгона" ва "Модули омода ба муҳоҷират" ҳам ду бахши платформаи "Маҳаллаи рақамӣ" ба шумор рафта, ҳар кадом вазифаҳои алоҳида доранд. Яке давомоти кории ҳафтгонаҳои маҳаллаҳоро ба танзим орад, дигаре шаҳрвандонеро таҳти назорат қарор медиҳад, ки ба хориҷ аз кишвар барои дарёфти ризқу рӯзӣ хоҳанд рафт ва онҳо метавонанд аз тариқи иловаҳои мобилӣ дар бораи муаммоҳои рӯзгори худ, дарёфти маълумоти зарурии ҳуқуқӣ ба идораҳои дахлдор муроҷиат кунанд. Кори платформаи "Маҳаллаи рақамӣ" бо идораҳои адлия ҳамоҳанг карда шуда, корафтодагон ба ҳар навъ пурсиши худ маълумотеро метавонанд дарёфт намоянд.

Аммо таҳлили арқоми мавҷуда аз он дарак медиҳад, ки ҳанӯз бахши зиёде аз ҳамватанони мо дар истифода аз хидмати ройгони платформаи "Маҳаллаи рақамӣ" худдорӣ мекунанд ва шояд аз фавоиди фаровони он бехабар мондаанд. Дар ҳар ҳол бояд эътироф кард, ки платформаи "Маҳаллаи рақамӣ" пайвандгари халқ ва ҳукумат аст ва шаҳрвандонро мебояд, ки дар сода сохтани мушкилоти рӯзгори худ ва сарфа кардани вақт дар роҳи муроҷиат ба идораҳои гуногун ба таври васеъ истифода баранд.

**Шариф ХАЛИЛ,**
**хабарнигори "Овози тоҷик" дар вилояти Қашқадарё.**

# ТАБИАТ МЕКУНАД МОРО ТАБОБАТ



**(Давомаш. Аввалаш дар шумораҳои гузашта).**

## Ёрии таъҷилӣ ҳангоми газидани мор

Пеш аз ҳама, аз ҷойи захме, ки мор газидааст заҳрро (бо туф кардан) берун кашидан лозим аст. Ин амалро танҳо шахсоне, ки милки дандонашон солим аст, метавонанд анҷом диҳанд. Зеро агар милк носолим ё дар даҳон захму ҷароҳат бошад, шахси ёридиҳанда низ заҳролуд шуданаш мумкин аст.

## Барои таҳкими масуният (иммунитет)

Субҳ аз соати 7:00 то 9:00 нури ултрабунафши офтоб фаъол аст. Дар тобистон лаганро бо об пур карда, онро дар ҷои офтобӣ гузоред. Вақте кӯдак баъд аз сайри кӯтоҳ дар ҳавои тоза, хона баргашт, тахминан соати 11:00 бо ҳамин об оббозӣ дароред. Ин усул дар амал санҷида шудааст. Кӯдаке, ки дар давоми се моҳи тобистон чунин ваннаҳоро қабул кард, дар фасли зимистон ягон бор ҳам шамол нахӯрд. Яъне чунин ваннаҳо, баробари мусоидат ба ҳосилшавии витамини D дар организм, системаи масуният (иммунитет)-и кӯдакро низ мустаҳкам мекунанд.

## Ҳангоми кирмҳои борик ва ба тухми каду монанд

Сиёҳдона (седона) кирмҳои борики рӯда ва кирмҳоеро, ки ба тухми каду монанданд, нест мекунад.

## Пас аз сактаи мағзӣ (инсулт)

Вақте ҳолати бемор пас аз сактаи мағзӣ дар ҳадде беҳтар мешавад, рӯз дар миён ванна кардан муфид аст. Барои ин 200 грамм меваи хуч (шиповник)-ро ба 1 литр оби ҷӯш андохта, дар оташи паст 15 дақиқа меҷӯшонанд. Як соат дам дода, обполо (филтр) мекунанд. Сипас, ин маҳлулро ба ваннае, ки то нисф бо об пур шудааст, мерезанд. Ҳарорати об бояд тақрибан 38 дараҷа, давомнокии муолиҷа 10–20 дақиқа бошад. Курси табобат аз 20 то 30 ванна иборат аст.

## Барои бартараф кардани сирояти бактерияҳо (инфекция)

Агар ҳазориспанд дуд кунед, ҳавои хона тоза шуда, микробу бактерияҳо нобуд мешаванд.

## Ҳангоми ирқуннасо (радикулит)

Ҷӯшобаи бӯймодарон дар ирқуннасо, инчунин ҳангоми зиққи нафас шудан истифода мешавад.

## Ҳангоми таб

Аз замонҳои қадим тамашк (малина)-ро ҳангоми шамолхӯрӣ истифода мебаранд. Дар меваи малина кислотаҳои органикӣ, витаминҳо ва қанд зиёд аст. Меваи хушки он таъсири зиддиилтиҳобӣ дорад, табро паст мекунад ва пас аз истеъмол бадан арақ менамояд. Барои тайёр кардани нӯшоба ба болои 2 қошуқ қоқи малина як истикон оби ҷӯшон меандозанд, 10–15 дақиқа нигоҳ медоранд ва баъд аз дока мегузаронанд. Шомгоҳ пеш аз хоб гармтар карда менӯшанд. Агар рӯзона аз хона набароед, чунин чойро 2–3 маҳал нӯшидан мумкин аст.

## Вақте ки таб баланд мешавад

Тарбандӣ (компресс)-и хунук барои дарди сар, ки бо зиёд шудани гардиши хун дар майна алоқаманд аст ва ҳангоми хеле баланд шудани таб, тавсия дода мешавад..

**(Давом дорад).**

Таҳияи **З. ҲАМДАМОВА, А. РӮЗИМАТОВ.**




# МУШТИ ХОКАТРО БА НОПОКЕ НАХОҲАМ ДОД...

Ватанро дўст доштан танҳо эҳсос нест, балки масъулият аст.

**Шавкат МИРЗИЁЕВ.**

Дар ҷаҳони пурталотуми имрўз, ки арзишҳои миллӣ таҳти таъсири равандҳои ҷаҳонишавӣ қарор доранд, масъалаи тарбияи ватандўстӣ беш аз ҳар вақти дигар аҳамияти ҳаётӣ касб мекунад. Ҳеҷ миллате бе эҳсоси муҳаббат ба Ватан, бе ҳифзи забон, таърих ва фарҳанги худ наметавонад истиқлолу ҳастии хешро пойдор нигоҳ дорад. Аз ин рў, нахустин пояҳои ватандўстӣ маҳз дар оила, синфхона ва мактаб гузошта шуда, аз қалби омўзгор сарчашма мегиранд.

Мактаб танҳо ҷойи омўзишу саводомўзӣ нест. Он мактаби одамият, масъулият, худшиносӣ ва ватандорист. Агар омўзгор дар қалби шогирд меҳри Ватанро бедор сохта тавонад, барои ҷомеа инсони солимандеш, масъулиятшинос ва содиқ ба камол мерасонад.

Мо низ замоне мактабхон будем. Фикр мекардем, ки деҳаи дурдасти кўҳии мо бо чашмаҳои зулолу мусаффо, ҳавои тозаву бегубор, кўчаҳои тангу тор ва хонаҳои лоину сангинаш, ки дар зимистон бо ҳезуму ангишт гарм мекардем, дар ҷаҳон ягона аст. Рафтору гуфтор ва ҳар як сухани бузургони хонадон – бобою момо, падару модар барои мо амр ва қонун буд. Имрўз, пас аз гузаштани солҳои зиёд ва паси сар кардани пастиву баландиҳои рўзгор, дарк мекунам, ки он амру қонунҳо дар асл муқаддасоти бузурги зиндагӣ будаанд.

Ҳар гоҳ аз кўчаҳои хотираҳои кўдакӣ мегузарам, деҳа бо ҳамон зебоии нотакрораш пеши назар меояд. Бўйи ҳулбўйи лаби об, симои меҳрубони модар ва заҳмати ҳалоли падар дар хотирам зинда мешавад. Он рўзҳо зиндагӣ сода буд, аммо саршор аз меҳру муҳаббат, тарбия ва эҳтиром ба меҳнат.

Мо, фарзандон, бе иҷозату маслиҳати падару модар ба ягон кор даст намезадем. Ҳар амал бо роҳнамоии онҳо анҷом меёфт. Вақти пухтани мева падарам моро ба боғ мебурд ва бо сабру таҳаммул меомўзонд, ки ангурро чӣ гуна беосеб бичинем, себро чӣ хел аз шоха гирем ва дигар меваю сабзавотро чӣ тавр ҷамъоварӣ намоем...

Барои мо ин танҳо дарси боғдорӣ набуд, балки дарси зиндагӣ буд.

Падарам ҳамеша мегуфт: «Ҳар донае, ки Худованд рўзӣ кардааст, қадру қимат дорад. Исроф накунед, зеро неъмат бо заҳмат ба даст меояд».

Он суханони сода дар қалби кўдаконаи мо тухми меҳнатдўстӣ, сарфакорӣ ва эҳтиром ба неъматҳоро мекоштанд. Аз ин рў, ҳаргиз намегузоштем, ки мевае зери пой монад ё беҳуда талаф шавад.

Падарам бо рафтору амали худ меомўхт, ки инсонро на сухан, балки меҳнати ҳалол ва ахлоқи нек зинат медиҳад. Имрўз, ки аз он рўзҳои ширини кўдакӣ солҳо гузаштаанд, ҳар бор бо дидани боғи сарсабз ё гирифтани мевае аз шоха, пандҳои падар дар гўшам садо медиҳанд. Бо гузашти умр бештар дарк мекунам, ки он ҳама дар асл бузургтарин сармояи зиндагии мо будаанд.

Падару модар аввалин омўзгорони фарзанданд. Агар онҳо дар дили кўдак меҳри меҳнат, эҳтиром ба ризқи ҳалол ва қадршиносии неъматҳоро ҷой диҳанд, ў дар оянда ба сифати инсони бофарҳанг, масъулиятшинос ва ватандўст ба воя мерасад.

Ватан танҳо як порча замин нест. Ватан оғўши гарми модар, лаҳни ширини забони модарӣ, хоки муқаддаси аҷдодӣ, кўҳу дарё, деҳу шаҳр ва таърихи пурифтихори миллат аст. Қимати Ватанро бештар касоне медонанд, ки солҳои дароз аз он дур мондаанд.

Таърих пур аз сарнавишти шахсиятҳоест, ки дар ғурбат зиндагӣ карда, ҳар лаҳза орзуи бозгашт ба Ватанро доштанд. Шоири бузурги форсу тоҷик Абўабдуллоҳи Рўдакӣ дар ашъораш муҳаббат ба диёрро самимона баён намудааст, ки яке аз намунаҳои барҷастаи он қасидаи машҳури ў дар васфи Бухорост ва бо мисраи «Бўйи ҷўйи Мўлиён ояд ҳаме» оғоз мешавад. Дар он орзуи дидор, пазмонии зодгоҳ ва пайванди ногусастании инсон бо решаҳои хеш ба таври амиқ ифода ёфтааст.

Саъдии Шерозӣ низ, ки солҳои зиёде ҷаҳонгардӣ кардааст, пас аз сафарҳои фаровон ба ин хулоса расида буд, ки барои инсон манзиле азизтар аз Ватан вуҷуд надорад. Ў дар зарфи сафарҳои чилсолаи худ ҳаргиз Ватан, хешу ақрабо ва ҳамдиёронашро фаромўш накард. Дар лаҳзаҳои тангӣ ва гирифторӣ аз фироқи ёру диёр суханҳои дилсўз мегуфт:

*Эй боди баҳори анбаринбўй,*
*Дар пойи латофати ту мирам.*
*Чун мегузарӣ ба хоки Шероз,*
*Гў: ман ба фалон замин*
*асирам...*

Ҳаёти Заҳириддин Муҳаммад Бобур низ намунаи равшани муҳаббат ба Ватан аст. Ў баъди аз даст додани ватани аҷдодӣ дар сарзаминҳои дигар давлати бузург бунёд карда, соҳиби тахту тоҷ гардид, вале ҳеҷ сарвату қудрате натавонист меҳри Ватанро аз қалбаш берун кунад. Ў тамоми умр бо ҳасрати Самарқанду Андиҷон зиндагӣ кард. Дар «Бобурнома» борҳо бо дарду алам аз дурии Ватан ёд мекунад ва таъкид менамояд, ки ҳеҷ сарзамине, ҳарчанд ободу зебост, ҷойи зодгоҳро гирифта наметавонад.

Шоири халқии Тоҷикистон Гулрухсор дар ситоиши Ватан чунин мегўяд:

*Содагӣ ишқ аст, алҳақ,*
*содаам, Меҳан,*
*Дар ҳисори ори ту озодаам,*
*Меҳан.*
*Мушти хокатро ба нопоке*
*нахоҳам дод,*
*Дар саховат гарчи*
*Ҳотамзодаам, Меҳан...*

Алҳол ҳазорон муҳоҷири меҳнатӣ низ чунин эҳсос доранд. Гарчанде дар кишварҳои дигар имкониятҳои бештари иқтисодӣ пайдо мекунанд, ҳеҷ чиз гармии хонаи падарӣ, табассуми модар ва кўчаҳои кўдакиро иваз карда наметавонад. Азоби мусофират ба инсон мефаҳмонад, ки Ватан неъмати бебаҳост.

Бузургон беҳуда нагуфтаанд: «Ҳар кӣ қадри Ватан надонад, қадри худро низ нахоҳад донист». Ин ҳақиқат имрўз ҳам аҳамияти худро гум накардааст.

Тарбияи ватандўстӣ танҳо бо баргузории як чорабинӣ ё таҷлили ҷашнҳо сурат намегирад. Он бояд дар ҳар дарс, ҳар суҳбат ва ҳар амали омўзгор таҷассум ёбад. Вақте омўзгори таърих аз қаҳрамониҳои аҷдодон қисса мекунад, омўзгори адабиёт осори Рўдакӣ, Фирдавсӣ, Ҷомӣ, Навоӣ, Айнӣ, Турсунзода ва Лоиқро таҳлил менамояд, омўзгори ҷуғрофия аз табиати нотакрори диёр ҳарф мезанад, дар қалби хонанда тадриҷан меҳри Ватан реша медавонад.

Ватандўстӣ аз эҳтиром ба Парчам, Нишон ва Суруди миллӣ оғоз шуда, то ҳифзи табиат, риояи тозагӣ, омўзиши илму дониш, эҳтироми қонун ва хидмати содиқона ба ҷомеа идома меёбад.

Мирзо Турсунзода мефармояд:

*Ватан, дар ҳар куҷо омад*
*ба сар форам ҳавои ту,*
*Ман аз он сўйи уқёнус*
*бишнидам садои ту.*
*Агарчӣ дар миён тўфону мавҷи*
*баҳрҳо буданд,*
*Вале омад ба гўши ман садои*
*рўдҳои ту...*

Имрўз Ўзбекистон ба ҷавонони соҳибилм, ватандўст ва худшинос ниёз дорад. Дар шароити рушди босуръати технология ва густариши фазои иттилоотӣ, маҳз ҷавонони дорои ҳисси баланди миллӣ метавонанд арзишҳои давлатдориро ҳифз намуда, дар пешрафти кишвар саҳми арзанда гузоранд.

Президент пайваста таъкид мекунад, ки тарбияи насли ватандўсту соҳибмаърифат вазифаи муқаддаси ҳар омўзгор ва ҳар падару модар аст. Ин суханон ҳар яки моро водор месозанд, то дар тарбияи фарзандон масъулияти бештар эҳсос намоем ва дар ин кори муҳим саҳлангорӣ накунем.

Ҳар омўзгор бояд дар хотир дошта бошад: шояд маҳз аз синфхонаи ў муҳандиси оянда, табиби фидокор, афсари шуҷоъ, олими варзида, шоири номвар ё намояндаи фаъоли ҷомеа ба камол расад. Беҳуда намегўянд, ки қадри офтобро дар рўзҳои сармо ва қадри Ватанро дар мусофират бештар эҳсос мекунанд.

Синфхона нахустин маконест, ки дар он на танҳо хонанда, балки инсон тарбия меёбад.

Дар кишвари мо ба баланд бардоштани мақоми инсон, гиромидошти арзишҳои миллӣ, таҳкими дўстиву ҳамдигарфаҳмӣ ва таҳаммулпазирии байни миллатҳо таваҷҷуҳи хосса зоҳир мегардад. Аз ин ҷост, ки баробари намояндагони даҳҳо миллату халқиятҳое, ки дар мамлакат дар фазои дўстиву бародарӣ зиндагӣ мекунанд, ҳукумати кишвар меҳнати каминаро низ қадр намуда, соли 2024 бо ордени «Дўстлик» ва ба қарибӣ бо нишони сарисинагии «Дўстии халқҳо» сарфароз гардонид.

Ин қадршиносӣ масъулияти моро боз ҳам бештар намуда, водор месозад, то барои пойдории забон, миллат, дўстиву бародарӣ ва дигар арзишҳои миллӣ бо ҳисси баланди масъулият ва сидқан хидмат намоем.

**Саодат БЕКНАЗАРОВА,**
**хабарнигори «Овози тоҷик».**

Муосирони мо

# МУСАВВИРЕ АЗ ДИЁРИ ЗЕБО

**Соли 1954, бо фарорасии баҳори хуррам дар деҳаи Чодаки ноҳияи Попи вилояти Намангон, дар манзили Лутфуллои коргар ва ҳамсараш Оламбибӣ кўдак ба дунё омад, ки ўро бо умеди калон Эвадулло номиданд.**

**Эвадулло таҳсилро дар мактаби миёнаи ба номи Садриддин Айнии деҳа ба охир расонд. Ҳанўз дар даври мактабӣ баробари дигар фанҳо ба сураткашӣ завқи беандоза дошт. Суратҳои кашидаи ў дар дарсҳо чун ашёи аёнӣ хидмат мекарданд.**



Баъди хидмати дусолаи аскарӣ соли 1975 факултаи графикаи бадеии Донишкада (Донишгоҳи кунунӣ)-и давлатии омўзгории Тошканд ба номи Низомиро ҳам хатм кард. Дар ин ҷо чанд фурсат ба донишҷўён аз сураткашӣ сабақ дод. Баробари ин таҷрибаи сураткашӣ ва дараҷаи дониши худро баланд бардошт. Корҳои эҷодиашро бо маслиҳату роҳнамоиҳои олими санъатшинос Неъмат Абдуллоев ва дотсент, рассоми плакатнавис Николай Тен пеш бурд. Бо плакатнависӣ машғул гашт.

Ўро мавзуи ҳимояи табиат ба худ ҷалб кард, вай ин масъаларо бағоят зарур мешуморад. Ҳифзи на танҳо олами набототт, балки олами паррандагону ҳайвонот, софии ҳаво ва обро муҳим меҳисобад. Ба жанри тасвири симо низ муроҷиат карда, суратҳои устодон Абдураҳмони Ҷомӣ, Алишери Навоӣ, Садриддин Айнӣ, ки мактаби деҳаашон ба номи ўст, кашидааст. Дўстии халқҳои тоҷику ўзбекро ташвиқ карда, суратҳои якҷояи Мавлоно Абдурраҳмони Ҷомӣ ва Мир Алишери Навоиро офарид. Чанде аз асарҳояш ба мушкилоти ҳалталаби баҳри Арал бахшида шудаанд.

Эвадулло Абдуллоев аз ибтидои солҳои ҳаштодум дар намоишгоҳҳои умумииттифоқӣ ва ҷаҳонӣ иштирок мекунад. Дар Хонаи эҷодии Академияи санъати СССР, воқеъ дар шаҳри Юрмалаи Ҷумҳурии Литва ихтисоси худро такмил дод. Дар ҷараёни хониш чанде аз асарҳояшро ба итмом расонид. Намунаҳое аз он осор дар намоишгоҳҳои ҷумҳурӣ ва умумииттифоқӣ баҳои баланд гирифтанд.

Плакатофарӣ жанри хос аст. Он воқеаҳои ҷаҳон, дигаргуниҳои табиат, мушкилоти инсоният ва тағйироти муҳитро дар худ акс намуда, онҳоро ба оммаи васеъ тарғиб менамояд. Ин буд, ки дар озмуни ҷумҳуриявии «Экология» асараш «Арал» бо дипломи дараҷаи аввал тақдир гардид. Дар озмуни умумииттифоқӣ картинаи ў таҳти унвони «Корнокарда – намехўрад» бо дипломи дараҷаи дуюм мукофотонида шуд. Дар қувваозмоии эҷодии «Маърифат алайҳи ҷаҳолат» соҳиби ҷоизаи дараҷаи якум гардид.

Дар озмун дар Олмон таҳти унвони «Нест бод терроризм!» Абдуллоев ҷойи дувумро ишғол карда, соҳиби ҷоиза шуд ва дар хориҷи кишвар ном баровард.

Як қатор асарҳои Абдуллоев дар телевизиони ҷумҳурӣ намоиш дода шудаанд. Қисми дигар дар матбуоти даврӣ чоп ва интишор гаштаанд. Дар мусаввадаи нашри Маскав «Мо ва бозсозӣ» ду асари рассом дастраси санъатдўстон шуданд, ки мавзўъҳои баҳри Арал ва оқибати ҷанги шаҳрвандии афғонро дар бар мегиранд. Моҳи майи соли 2022 дар Корвонсаройи байналхалқии маданияти Тошканд – Икуо Хираяма ба муносибати 30-юмин солгарди фаъолияти сафоратхонаи Тоҷикистон дар Ўзбекистон намоишгоҳи эҷодии Абдуллоев баргузор гардид.

Дар Нигористони шаҳри Намангон низ намоиши асарҳои ин рассоми боиқтидор таҳти унвони «Экология ва сулҳ – гарави рушди Ватан» барпо гашт. Дар он раиси Иттиҳодияи рассомони Ўзбекистон Акмал Нур, собиқ Сафири Фавқулода ва Мухтори Тоҷикистон дар Ўзбекистон Абдуҷаббор Раҳмонзода, шахсони расмӣ, меҳмонон ва бинандагони сершумор ҳозир буданд. Он ҳам барои мусаввир ва ҳам барои ҳамкасбону муштариён фаромўшнашаванда гардид.

Фаъолияти эҷодии Абдуллоев ҳеҷ гоҳ аз кор ҷудо набуд. Чандин сол ў рассомтарроҳи Ҷамъияти масъулияташ маҳдуди «Чотқол»-и назди Комбинати истихроҷи тиллои Олтинкон ва омўзгору мудири кафедраи коллеҷи касбу ҳунари кўҳӣ-металлургии Поп ҳам буд. Дар давоми фаъолияташ шогирдонро ба олимпиадаҳои фаннии марҳилаҳои ноҳиявӣ, вилоятӣ ва ҷумҳуриявӣ омода кард. Дар озмунҳои фаннии коллеҷ бошад, аз доварони боэътимод буд. Шогирдонаш дар намоишгоҳҳои вилоятии «Устоду шогирд» ва озмунҳои Академияи санъати ҷумҳурӣ таҳти мавзўъҳои «Садои фардо», «Меъморӣ ва манзара», «Оқибати издивоҷи бармаҳал» ва «Мубориза бар зидди савдои одам» иштироки фаъолона доранд.

Вай барандаи нишони хотиравии «Яксолагии истиқлоли Ҷумҳурии Ўзбекистон» аст, бо ифтихорномаю дипломҳои зиёд мукофотонида шудааст. Абдуллоев узви Академияи бадеии Ўзбекистон, Иттиҳодияи санъати эҷодии ҷумҳурӣ мебошад.

Рассоми плакатнавис, муаллифи сурату картинаҳои зиёд Эвадулло Абдуллоев, ки борҳо соҳиби ҷоиза шудааст, меарзад ба ягон мукофоти давлатӣ пешбарӣ гардад. Рассоми эҷодкор бо ҳамсараш Бибифотима соҳиби чор духтару ҳафт набера мебошад. Ў ба баҳори 74-умини умраш қадам гузошт. Мо ба ў баракати умру самари бештари эҷодиро таманно дорем.

**Ш. МИРЗОЕВ.**
*Вилояти НАМАНГОН.*

# ҒОЛИБОНИ ҶАШНВОРА СОҲИБИ МУКОФОТ ШУДАНД

**Тавре ки қаблан хабар дода будем, рўзҳои 13-15 августи соли равон дар Шаҳрисабз Ҷашнвораи байналмилалии “Кашидадўзии ироқӣ” ва Ҷашнвораи миллии “Ҷилои кашидадўзии абрешим” баргузор гардид. Дар он дар баробари ҳунармандони маҳаллӣ беш аз 20 нафар ҳунарманд аз Тоҷикистон, Қазоқистон, Туркманистон, Туркия ва Русия бо маҳсулоти кашидадўзии худ иштирок карданд.**



Ҳайати доварон баъди баррасии корҳои пешниҳодшуда ғолибони озмунҳоро дар чаҳор номинатсия муайян карданд. Аз рўи номинатсияи «Соҳибкоре, ки бештарин маҳсулоти гулдўзии абрешимро содир кардааст” ҷойи якумро Санҷар Назаров, ҷойи дуюмро Латиф Садриддинов ва ҷойи сеюмро Мавлуда Ҳамдамова ишғол карданд.

Дар номинатсияи « Боистеъдодтарин ҷавони кашидадўз” ҷойи аввал ба Паризод Холмуҳаммедова, ҷойи дуюм ба Меҳригул Аманиёзова ва ҷойи сеюм ба Фотима Асадова насиб гардид. Аз рўи номинатсияи «Фаъолтарин кашидадўз, ки шуғли занонро таъмин кардааст», Саодат Файзиева, Дилфуза Раҳмонова ва Нилуфар Ҷўраева соҳиби ҷойҳои ифтихорӣ гардиданд. Аз рўи номинатсияи «Беҳтарин ворисни сулолае, ки анъанаҳои қадимиро идома медиҳад», номи Дилноза Нарзуллоева, Насиба Исҳоқова ва Санобар Арипова (Ўзбекистон) ғолиб баромаданд.

Дар номинатсияи озмуни байналмилалии «Кашидадўзе, ки машҳуртарин бренди миллиро офаридааст», ҷойи аввал насиби Мунира Оқилова (Тоҷикистон), ҷойи дуюм насиби Саодат Низомова (Ўзбекистон) ва ҷойи сеюм насиби Лейлӣ Ҳаитова (Туркманистон) гардид. Ба ҳамаи ғолибон сертификат ва мукофотҳои пулӣ супурда шуд.

**Мирасрор АҲРОРОВ,**
**хабарнигори “Овози тоҷик”.**
*Шаҳри ШАҲРИСАБЗ.*

# ОРЗУҲОИ НАВ ДАР ХОНАҲОИ НАВ

**Дар арафаи ҷашни 35-солагии Истиқлоли кишварамон дар ноҳияи Чорток ба оилаҳо калиди хонаҳои замонавӣ дода шуд. Истиқлолият ифодаи равшани шаъну шарафи инсон, некўаҳволии оила ва имкониятҳое мебошад, ки барои зиндагии шоиста фароҳам оварда шудаанд. Дар ноҳияи Чорток ҷиҳати қонеъ намудани ниёзҳои манзилии аҳолӣ ва фароҳам овардани шароити мусоиди зиндагӣ барои оилаҳо корҳои созандагиву бунёдкорӣ пайваста идома доранд.**

Дар арафаи 35-солагии истиқлолиятамон 60 оила соҳиби хонаҳои нави замонавӣ гардиданд. Ин иқдом далели он аст, ки боз як орзуи неки чортоқиён ба шарофати сулҳу субот ва истиқлолияти кишвар амалӣ шуд.

Хушбахтона, корҳои сохтмонӣ бо ин ба охир намерасанд. Танҳо дар соли ҷорӣ ба нақша гирифта шудааст, ки боз беш аз 250 оила соҳиби чунин хонаҳои замонавӣ гарданд.

– Ин хона дар арафаи ҷашни истиқлол ба мо туҳфаи арзанда гардид, – мегўяд яке аз соҳибони хона Гулнора Фозилова. – Имрўз барои оилаи мо рўзи фаромўшнашаванда аст. Орзуи мо ин буд, ки соҳиби хонаи нави замонавӣ шавем. Барои мо боз ҳам хурсандиовар аст, ки 35-солагии Истиқлоли Ватанамонро дар хонаҳои нав таҷлил мекунем. Барои чунин имкониятҳо ба роҳбари давлатамон самимона миннатдорӣ баён менамоем. То он даме ки дар кишварамон сулҳу оромӣ ва ғамхорӣ нисбати мардум ҳукмфармо бошад, чунин корҳои хайр идома хоҳанд ёфт.

Дар ҳақиқат, Истиқлолият на танҳо як сана, балки неъмати бузургест, ки орзуҳои деринаи мардумро амалӣ намуда, ба оилаҳо шодиву сурур ва зиндагии шоиста мебахшад.

**ШоҳидаДАМИНОВА,**
**хабарнигори**
**“Овози тоҷик”дар вилояти**
**Намангон.**



Овози тоҷик
МУАССИСЛАР:
Ўзбекистон Республикаси Олий Мажлиси Қонунчилик палатаси Кенгаши, Ўзбекистон Республикаси Олий Мажлиси Сенати Кенгаши ва Ўзбекистон Республикаси Вазирлар Маҳкамаси.
*Тожик тилида нашр этилади.*

Ҷонишини сармуҳаррир
Тоҷибой ИКРОМОВ

Рўзнома ҳафтае ду маротиба: рўзҳои чоршанбе ва шанбе чоп мешавад.
***Рўзнома дар компутерхонаи идора ҳарфчинӣ ва саҳифабандӣ гардид.***

*Ҳаҷми насри бадеӣ, очерку мақола аз 5 саҳифаи чопи ду интервалӣ ва шеър аз 50 мисраъ зиёд бошад, идора қабул намекунад. Рўзнома ба мактубҳои интишорнашуда ҷавоб намегардонад.*

Рўзнома 25 июни соли 2008 дар Оҷонсии матбуот ва ахбороти Ўзбекистон таҳти рақами 0003 ба рўйхат гирифта шудааст.
Индекси нашр — 170 . Фармоиши 2 Г-828.
Адади нашр 2046. Ҳаҷм 2 ҷузъи чопӣ.
Усули нашр — офсет, андозаи А-2.
1 2 3 4 5 6
ISSN 2010-7757

Муҳаррири навбатдор:
Н. Нодирова.
Саҳифабанд-дизайнер:
Х. Тўхтаева.
Мувофиқи ҷадвал — 21.00
Ба чоп супурда шуд — 03.00

**Нишонии мо:**
**100011 ш.Тошканд, кўчаи Навоӣ, 30, ошёнаи 4.**
Телефонҳо: қабулгоҳ: +998555200337;
Котибот +998555200336.
Факс: +998555200337.
сайт http://ovozitojik.uz/, e-mail: ovozitoj@umail.uz, ovozi@list.ru
Индекси обуна 170.

Матбааи табъу нашри Ширкати саҳҳомии «Шарқ».
Нишонии корхона: кўчаи Буюк Турон, хонаи 41.